Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

18 январи соли 2025 Шанбе № 6 (15121)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## МУАРРИФИИ РАВИШҲОИ НАВ ДАР КОҲИШИ КАМБИЗОАТӢ

***Президент Шавкат Мирзиёев бо муаррифии тадбирҳо оид ба таъмини шуғли аҳолӣ ва коҳиши камбизоатӣ бо истифода аз равишҳои нав шинос шуд.***

Дар соли равон ба нақша гирифта шудааст, ки 5 миллиону 200 ҳазор шаҳрванд бо ҷойи кор таъмин карда, 1,5 миллион нафар аз камбизоатӣ баровардa шаванд. Бори аввал, 60 ноҳия ва шаҳр ҳамчун минтақаҳое, ки аз камбизоатӣ ва бекорӣ озод мебошанд, эътироф хоҳанд шуд.

Бо ҳамкории бонкирҳои маҳаллӣ пешбинӣ шудааст, ки барои 1,5 миллион нафар ҷойи кори доимӣ таъмин карда, беш аз 2 миллион шаҳрванд ба соҳибкорӣ ҷалб шаванд. Барои татбиқи лоиҳаҳои соҳибкории хурд дар соли ҷорӣ дар маҷмӯъ 120 триллион сӯм қарзҳои бонкӣ ҷудо карда мешаванд.

Бо истифода аз таҷрибаи пешқадами кишварҳои хориҷӣ равишҳои нави коҳиши камбизоатӣ дар 32 самт ҷорӣ хоҳанд шуд. Аз ҷумла, дар 300 маҳаллаи мураккаб неругоҳҳои офтобии иқтидори умумиашон 107 мегаватт бунёд карда мешаванд, ки барои истифодабарии онҳо шаҳрвандон аз оилаҳои камбизоат ба кор ҷалб хоҳанд шуд.

Дар 123 ноҳия ба шаҳсоне, ки даромади кам доранд, барои ташкили майдонҳои ҷангал ва ниҳолпарварӣ дар 20 ҳазор гектар замин, инчунин барои парвариши растаниҳои шифобахш кор пешниҳод карда мешавад. Барои ҳар 100 дарахти шинондашуда ба онҳо 375 ҳазор сӯм субсидия дода мешавад.

Дар минтақаҳо дорои иқтидори сайёҳӣ ба нақша гирифта шудааст, ки меҳмонхона ва нуқтаҳои хӯрокхӯрии ҷамъиятӣ кушода, инчунин дар назди як қатор шуъбаҳои почта марказҳои тиҷорати электронӣ таъсис дода шаванд, ки дар он ҷо намояндагони оилаҳои камбизоат низ бо ҷойҳои кор таъмин хоҳанд шуд.

Дар маҷмӯъ, дар соли 2025 дар 6 472 маҳалла лоиҳаҳо тибқи равишҳои нав амалӣ карда мешаванд, ки ба аз камбизоатӣ баровардани 210 ҳазор нафар мусоидат мекунанд.

Ба деҳаҳои дурдасте, ки шароити махсусан душвор доранд, таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Дар ин деҳаҳо Ассотсиатсияи маҳаллаҳои Ӯзбекистон барои ташаккули рӯҳияи соҳибкорӣ, коҳиши рӯҳияи туфайлихӯрӣ ва дастгирии фаъолияти меҳнатии оилаҳои камбизоат тадбирҳо меандешад.

Сарвари давлат бори дигар таъкид намуд, ки соли 2025 дар коҳиши бекорӣ ва камбизоатӣ соли ҳалкунанда хоҳад буд ва дастур дод, ки ба татбиқи барномаҳои пешниҳодшуда низом ва муносибати ҳадафмандона таъмин карда шавад.

Ба Вазорати шуғл ва коҳиши камбизоатӣ супориш дода шуд, ки иҷрои ин вазифаҳоро зери назорати қатъӣ гирад. Ҳар як ташаббус ва чорабинии пешниҳодшуда ба платформаи электронӣ ворид шуда, ҷойҳои кори эҷодшуда тавассути пойгоҳи андозӣ тафтиш карда мешаванд.

Ҳамчунин, аҳамияти ташкили омӯзиш барои кормандони ҳокимиятҳои маҳаллӣ, «ҳафтгонаи маҳалла» ва зарурати пешбурди таҷрибаи пешқадам қайд гардид.

**ЎзА.**

***Баррасии лоиҳаи Барномаи давлатӣ***

***Ин яке аз чорабиниҳое мебошад, ки дар лоиҳаи Барномаи давлатӣ оид ба татбиқи Стратегияи «Ӯзбекистон — 2030» дар «Соли ҳифзи муҳити зист ва иқтисодиёти «сабз» муайян гардидааст ва ҳоло мавриди баррасӣ қарор дорад.***

## АЗ ЯК ГЕКТАР ЗАМИН БОЯД 5 ҲАЗОР ДОЛЛАР ДАРОМАД ГИРИФТ

Воқеан, ҳоло боғдор, фермер ва соҳибкороне низ ҳастанд, ки аз як гектар замин зиёдтар даромад мегиранд. Аммо онҳо хеле каманд. Мақсад аз ин чорабинӣ зиёд кардани теъдоди чунин деҳқонон, боғдорону соҳибкорон, ҳамзамон афзунсозии рағбати мардум ба меҳнати шахсии худашон мебошад.

Дар мо мардуми одӣ ва деҳқонон бештар аз усулҳои анъанавии киштукор ва ё бунёди боғҳо истифода мекунанд ва ё ҳар сол ба парвариши як навъи маҳсулот одат кардаанд. Масалан, деҳқоне, ки картошка мекорад, ҳар сол бо ин кор машғул мешавад. Фикр намекунад, ки агар сирпиёз корад, даромади бештар ба даст меорад. Ё худ бунёди гармхонаи хурд дар як гӯшаи замини наздиҳавлигӣ ба зиёд гардондани даромад мусоидат мекунад.

Фермерон низ дар майдони зиёдатӣ ба ғайр аз супориши давлатӣ, метавонанд намудҳои нави сабзавот ё маҳсулоти полизӣ парвариш кунанд, аз тухмиҳои нав ва серҳосил истифода намоянд. Аммо барои ин ҳавсала надоранд.

Аз ин рӯ, дар лоиҳаи Барномаи давлатӣ бо мақсади истифодаи самараноки замин ва ба даст овардани даромади бештар, минбаъд васеъ намудани истифодаи тухмии хушсифат, ки аз кишварҳои хориҷӣ ворид шудааст, парвариши зироатҳо бо истифодаи технологияи интенсивӣ, бештар ҷорӣ кардани технологияи сарфаи об пешбинӣ гардидааст.

Инчунин, дар лоиҳа вазифа гузошта шудааст, ки дар 51 ноҳияи ба меваю сабзавот ихтисосонидашуда лоиҳаҳои нав оид ба ташкили яхбандии шокии меваю сабзавот амалӣ гардида, то охири сол лоиҳаҳо бо иқтидори умумии 44 ҳазор тонна татбиқ карда шаванд. Ин бесабаб нест. Чунки ҳоло дар ҷаҳон таъмини амнияти озуқаворӣ, дар давоми сол бо маҳсулоти хушсифати меваю сабзавот таъмин намудани аҳолӣ ва нигоҳ доштани устувории нархҳо дар бозор ба масъалаи муҳим табдил меёбад. Ғайр аз ин, ин имконият медиҳад, ки даромади деҳқонону соҳибкорон чандин маротиба афзоиш ёбад.

Натиҷаи корҳои шоистаи ин самт аст, ки тӯли солҳои охир дар мамлакатамон амалӣ гардиданд, ҳоло дар фасли зимистон ҳам бозорҳо ва дасторхони мардум пур аз меваю сабзавот мебошад. Ҳатто меваҳои ситрусӣ дар худамон парвариш карда мешаванд.

Умуман, татбиқи мақсад ва чорабиниҳои афзалиятноки соҳаи кишоварзӣ, ки дар лоиҳаи Барномаи давлатӣ ба миён гузошта шудаанд, ба фаровонии бозорҳо, серию пурии дасторхони мардуми мо, устувории иқтисодии деҳқонону субъектҳои соҳибкорӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ хидмат мекунад.

**Шавкат ШАРИФОВ,**
**аъзои Сенати Олий Маҷлис.**
**ЎзА.**

***Дар Стратегияи рушди Ӯзбекистони Нав барои солҳои 2022-2026 ва дигар ҳуҷҷатҳои муҳими давлатӣ, ки фарогири нақшаҳои стратегии истиқболианд, ба масъалаи сиёсати берунӣ эътибори алоҳида нигаронида шудааст. Яъне таъмини амнияти мамлакат ва пурзӯрсозии иқтидори мудофиавии он, пешбурди сиёсати кушод, прагматикӣ ва фаъолонаи берунӣ, боз ҳам равнақ додани муносибатҳои тарафайн бо ҳамкорони дерина, васеътар намудани ҷуғрофияи сиёсати берунӣ, пурқувватсозии дипломатияи иқтисодӣ, таҳкими базаи меъёрӣ-ҳуқуқии сиёсати берунӣ ва фаъолияти иқтисодиёти берунӣ, боз ҳам такмил додани асосҳои ҳуқуқӣ-шартномавии ҳамкории байналхалқӣ аз вазифаҳои устувор қарор гирифтаанд.***

## НАҚШИ ПАРЛУМОН ДАР ТАТБИҚИ СИЁСАТИ БЕРУНӢ

Дар баробари ҳамин дар татбиқи сиёсати берунӣ нақши муҳими парлумонро, ки аз шохаҳои муҳими демократия аст, ёдрас намудан бамаврид мебошад. Дар ин самт қабул карда шудани Консепсияи дипломатияи парлумонии Ӯзбекистон дар ҳаёти сиёсии мамлакат воқеаи муҳим эътироф гардид.

Самарабахшии ҳамкориҳои парламентии мамлакатҳои ба ҳам дӯст торафт бештар эҳсос шуда, ин иқдом ба вусъати муносибатҳои ҳарҷониба ва торафт наздикшавии кишварҳо, пойдории сулҳу салоҳ ва ҳамҷиҳативу якдилии халқҳо мусоидат менамояд. Олий Маҷлис дар ин ҷабҳа фаъолнокӣ зоҳир намуда, дар натиҷаи ҳамкориҳои он бо парлумони як қатор кишварҳои олам мақсадҳои устуворе, ки сиёсати беруниамон назди худ гузоштааст, амалӣ мегарданд.

Барои боз ҳам такмил додани фаъолияти парлумони мо дар майдони байналхалқӣ ва бо ин восита муташаккилона ба амал баровардани сиёсати берунии Ӯзбекистон чораҳо андешида мешаванд. Консепсияи дипломатияи парлумонӣ барои ҳарҷониба худро нишон додани парлумонамон дар майдони байнипарлумонӣ асоси ҳуқуқии ба худ хос аст. Мувофиқи ин ҳуҷҷат боз ҳам ривоҷ додани ҳамкориҳо бо парлумонҳои мамлакатҳои хориҷӣ ва созмонҳои байнипарлумонии бонуфузи олам, ҳамчунин фаъолтар намудани иштироки Олий Маҷлис дар фаъолияти ташкилотҳои байнипарлумонии байналхалқӣ чун вазифаҳои таъхирнопазир қарор гирифтаанд.

Ислоҳоти васеъмиқёсе, ки дар соҳаҳои гуногун татбиқ мешаванд ва дигаргуниҳои бузурге, ки дар мамлакатамон ба назар мерасанд, ба сиёсати муттасил ва фаъолонаи берунӣ бетаъсир намонда, айни ҳол, ба боло рафтани аҳамияти дипломатияи байнипарлумонӣ боис мегарданд. Аз ҷониби палатаҳои Олий Маҷлис ташаббусҳои дахлнок пешниҳод ва ин гуна иқдомҳо дастгирӣ ёфта, робитаҳои амалии гурӯҳиву комиссиявӣ бо парлумонҳои кишварҳои хориҷӣ торафт густариш меёбанд. Дар натиҷа, хусусан, фаъолияти гурӯҳҳои дӯстии байнипарлумонӣ ба давраи нав мебароянд ва ин қабил гурӯҳҳо, ки воқеан ба дӯстиву ҳамҷиҳатӣ асос ёфтаанд, барои ривоҷ додани робитаҳои ҳарҷониба миёни давлатҳои гуногун вазифаи майдони мулоқоти доимиро ба иҷро мерасонанд. Гурӯҳу комиссияҳо дар навбати худ ба сифати қисмати муҳими демократияи парлумонӣ ба механизми муҳимми кушод, конструктив ва бевоситаи мулоқот ва гуфтугӯҳои дӯстона табдил меёбанд.

Агар палатаҳои Олий Маҷлис дар давоми солҳои 2015-2019 танҳо бо парлумонҳои 28 давлати дунё робита дошта бошанд, ин рақам ҳоло чанд баробар афзудааст. Хусусан, парлумонҳои кишварҳои рушдёфтаи дунё ва парлумони Иттиҳоди Аврупо аз самарабахшии муносибатҳояшон ба парлумони мамлакати мо бештар изҳори қаноатмандӣ менамоянд. Парламенти мо, дар навбати худ, бо назардошти манфиатҳои миллӣ, доираи муносибатҳоро дар майдонҳои байналхалқӣ торафт васеъ мегардонад. Нақшаҳои ҳамкорӣ андешида ва «Харитаи роҳ» мураттаб мегардад, ки ин гуна иқдом барои дар асоси чораҳои аниқ ба роҳ гузоштани муносибатҳо дар сиёсати берунӣ хидмат менамояд.

Коршиносони миллӣ роҳҳои нав ва мусоидтари равнақдиҳии муносибатҳо бо парлумони кишварҳои хориҷиро ҷустуҷӯ ва дарёб месозанд. Албатта, ҷараёнҳои глобалӣ ба самтҳои устувори сиёсати берунии мамлакат бетаъсир нест. Бо назардошти ҳамин парлумони Ӯзбекистон баробари парлумонҳои мамолики Аврупо ҳамкориҳои ҳарҷониба бо парлумонҳои давлатҳои минтақаи Осиё-уқёнуси Оромро басо муҳим мешуморад.

Навъе экспертҳо ва мутахассисон таъкид менамоянд, таъмини принсипҳои амнияти байналхалқӣ, рушди иқтисодиёти рақамнок, афзунсозии ҷозибадории сармоявӣ ва баланд бардоштани ҳаҷми савдои хориҷӣ, эътибор ба экология ва ҳифзи муҳити зист, ба иҷро расондани ӯҳдадориҳои шартномавии байналхалқӣ, таъмини ҳуқуқи инсон, муттасил ба амал баровардани мақсадҳои Рушди барқарор ва дигар самтҳои ба ин монанд ҷиҳатҳои ба худ хоси муносибот дар майдони байналхалқӣ ба ҳисоб раванд, беҳтар намудани муносибатҳо бо парлумонҳои мамлакатҳои Осиё-уқёнуси Ором дар ин бахш нақши ҳалкунанда хоҳад бозид. Равнақёбии муносибат ва ҳамкориҳои байнипарлумонӣ бошанд, баҳри баланд бардоштани нуфузи кишвари мо дар доираи байналхалқӣ хидмат хоҳанд кард. Муносиботи парлумони Ӯзбекистон ба парлумони кишварҳои Осиё ва дунё, минҷумла бо Шурои Вакилони Халқи Умумиҷумҳуриявии Чин, Парлумони Ҷопон, Ассамблеяи Миллии Ҷумҳурии Куриё, Палатаи ҷамоатии Канада, Палатаи Вакилони Малайзия ва ҳоказо, аз ин нигоҳ, дар солҳои охир мазмуну моҳияти нав касб намудааст. Фаъолияти гурӯҳҳои дӯстии байнипарлумонӣ торафт бештар ташаккул меёбад ва ҳамкориҳое, ки дар риштаҳои гуногун ба дараҷаи баланд ба роҳ гузошта мешаванд, самараи дилхоҳ мебахшанд. Аз рӯйи равнақ додани парламентаризм дар доираи ҳамкориҳо, эҷодкории қонун, назорати парлумонӣ ва дигар масъалаҳое, ки ба фаъолияти парламент мутааллиқанд, маҷлисҳои машваратӣ доир мегарданд, ба таври муттасил бо мутахассисону экспертҳои дараҷаи байналхалқӣ бобати муҳимтарин масоили сиёсати берунӣ вохӯриву суҳбатҳо ташкил карда мешаванд.

Ҳамкорӣ ва муносибатҳои байнипарлумонӣ имконият медиҳанд, ки ҷонибҳо таҷрибаи пешқадами якдигарро омӯзанд. Вақтҳои охир аз рӯйи сохтори «парлумони электронӣ» низ бо парлумонҳои кишварҳои хориҷӣ иваз кардани таҷриба роҳандозӣ мегардад. Рақамисозии сохтори кор бо шаҳрвандон дар навбати худ моҳияти байналхалқӣ касб менамояд.

Роҳбари мамлакат Шавкат Мирзиёев зимни маърӯзааш дар Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис (20 ноябри соли 2024) марбут ба муҳимтарин масъалаҳо дар ҳаёти парлумон, нақши муҳими парлумон дар сиёсати беруниро алоҳида таъкид намуда, зикр кард, ки робитаҳои байнипарлумонӣ дар мустаҳкамшавии муносибатҳои байнидавлатӣ аҳамияти аввалдараҷа доранд.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

## СОҲИБКОРИ ҶАШМИКОРДОН

*Имрӯзҳо теъдоди соҳибкороне, ки тиҷорати худро дар партави ислоҳоти татбиқшаванда ба роҳ мондаанд, зиёд мешавад. Аҳолӣ низ ба тиҷорати хурду хусусӣ мароқ зоҳир менамоянд.*

*Қурбоналӣ Қазоқов низ, аз ноҳияи Деҳнави вилояти Сурхондарё, бо истифода аз шароити мусоид корхонаи оилавии худ – «Қурбоналӣ текстил»-ро созмон дода буд, ки он барои курсии автомобилҳо ҷилд (чехол) истеҳсол менамояд.*

*– Дар оғози фаъолият ашёи хомро мехаридем, – гуфт соҳибкор. – Баъди насби таҷҳизоти зарурӣ, имкон пайдо шуд, ки 70-80 фоизи маҳсулотро худамон омода кунем. Дар як рӯз 100 ҷилди гуногундӯхт истеҳсол менамоем.*

*Фаъолияти корхона, ки дар ибтидо 5 нафар дӯзанда дошт, аз соли 2017 шурӯъ шудааст. Ҳоло теъдоди дӯзандаҳо беш аз 80 нафарро ташкил медиҳад. Дар бозори маҳаллӣ талаб ба маҳсулоти корхона зиёд аст.*

***Дар акс:*** *дар корхонаи оилавии «Қурбоналӣ текстил».*

***Аксбардор: Ҷ. ҚӮЗИМУРОДОВ (ЎзА).***



## ДУРНАМОИ ТАДҚИҚОТИ КАЙҲОНӢ БАРРАСӢ ШУД

***Дар Агентии иттилоот ва коммуникатсияи оммавӣ бо ташаббуси Агентии «Ӯзбеккосмос» таҳти мавзӯи «Сарҳисоби фаъолияти агентӣ дар соли гузашта» нишасти матбуотӣ баргузор гардид.***

Роҳбари шуъбаи агентӣ Муҳиддин Иброҳимов таъкид кард, ки «Ӯзбеккосмос» бо ташаббуси Сарвари давлатамон таъсис ёфта, аз соли 2019 дар соҳаи тадқиқоти кайҳониву технологияҳои ҷумҳурӣ фаъолият дорад ва дар соли 2024 низ кори зиёдеро ба анҷом расонд. Тавассути системаи давлатии мониторинги кайҳонӣ бо истифода аз технологияҳои аэрокосмикӣ, аз қабили экология, геология, кишоварзӣ, муносибатҳои замин, хоҷагии об ва ҷангал мавриди таҳлил қарор гирифта, беш аз 100 ҳазор ҳодисаи қонунвайронкунӣ бо эҳтимоли зиёд ошкор карда шуд. Аз ҷумла, Маркази мониторинги кайҳонӣ ва технологияи геоинформатсионӣ дар самти муносибатҳои замин дар саросари ҷумҳурӣ муайян кардааст, ки беш аз 96 ҳазор бино ва иншоот худсарона дар 9 ҳазору 200 гектар майдон сохта шудаанд.

Илова бар ин, дар соҳаи экология муайян гардид, ки дар 721 гектар майдони мамлакат 1928 партовгоҳи ғайриқонунӣ мавҷуд аст. Бояд гуфт, ки чунин партовгоҳҳои ғайриқонунӣ ба муҳити зист ва экология таъсири манфӣ расонида, боиси бад шудани сифати хок ва обу ҳаво, зиёд шудани шумораи ҳашароти зараровар, афзоиши бемориҳои сироятӣ, пайдоиши саратони шуш ва роҳи нафас мегардад.

Дар рафти вохӯрӣ ҷонибҳо ояндаи тадқиқотҳои кайҳонӣ ва баланд бардоштани самаранокии сохтори давлатӣ ва технологияҳои ташхиси фосилавии назорати ҳаворо ба иштирокдорон баррасӣ карданд.

Тавре вакили «Ӯзбеккосмос» Исмоил Расулов гуфт, дар татбиқи лоиҳаҳои таҷрибавӣ, алалхусус, соҳаи кишоварзӣ, хоҷагии обу ҷангал, экология, геология, кадастр, шаҳрсозӣ ва телекоммуникатсия бо воситаи тадқиқоти кайҳонӣ натиҷаҳои муайян барои маълумоти таҳлилӣ ба даст оварда шудааст. Аз ҷумла, дар соҳаи ҳолоти фавқулодда, моҳи августи соли гузашта дар 38 гектар ҷангалзори ноҳияи Зомин сӯхтор ба вуҷуд омад, ки майдони сӯхтор дар панҷ дақиқа бо воситаи аксҳои кайҳонӣ таҳлил шудааст.

– Дар бахши обуҳавошиносии «Ӯзгидромет» бо ҳамкории «Ӯзбеккосмос» дар ноҳияҳои кӯҳӣ ва доманакӯҳҳои кишвар хатари обхезӣ, фаромадани тарма ва ярҷро бо воситаи аксҳои кайҳонӣ пайваста мавриди омӯзиш қарор дода, таҳлили ҳодисаро ба обуҳавошиносон равона мекунанд ва онҳо мардуми кӯҳиро аз хатар огоҳ менамоянд, – гуфт Муҳиддин Иброҳимов.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# ҲУКУМАТ БЕТАФОВУТ НЕСТ!

***Таъмин намудани аҳолии кишвар бо оби тозаи ошомиданӣ яке аз вазифаҳои асосии ҳукумати ҷумҳуриамон буда, солҳои охир барои ноил гардидан ба ин мақсад маблағи зиёде равона ва корҳои шоёне дар амал татбиқ мегарданд.***
***Хоса, дар таъминоти аҳолии шаҳру навоҳии вилояти Қашқадарё бо оби ошомиданӣ беш аз пеш эътибор дода мешавад ва дар ин самт огоҳонаву пайгирона корҳои азим ва боиси фахр иҷро мегарданд. Зеро дар ин қаламрав қаблан дар робита ба таъмини аҳолӣ бо оби тоза мушкилоти фаровоне вуҷуд доштанд, ки бештар боиси дилхирагиҳои сокинон мегаштанд.***

Назар ба маълумоти омор, дар вилояти Қашқадарё то соли 2016 таъминоти аҳолӣ бо оби тозаи ошомиданӣ табъи дил набуд ва 20 дарсади аҳолӣ имкони дастрасӣ ба ин атои Худовандро доштанд. Дар идомаи солҳо мушкили таъмини аҳолии вилоят бо оби ошомиданӣ ҳалношуда боқӣ мемонд ва раҳбарони вақти кишвар ҳам ба мушкилоти мазкур чандон таваҷҷуҳ зоҳир намекарданд. Ин, албатта, ба сифати рӯзгузаронии мардум таъсири манфӣ расонда, боиси бад шудани вазъи тандурустии қисмати бештари аҳолӣ мегардид. Роҳбари тозаинтихоби давлат дар яке аз дидору мулоқот бо аҳолии вилоят чунин ваъда дода буд: «То дар Қашқадарё таъминоти оби ошомиданиро ба 100% нарасонем, даст аз ин амали хайр барнахоҳем дошт!» Ин тавр, яке аз пайи дигаре тарҳҳои бузург рӯйи даст гирифта шуданд, ки ҳар кадом барои беҳбуд бахшидани вазъи таъмини оби ошомиданӣ басо хидмат мекунанд. Назар ба маълумоти Ҷамъияти саҳҳомии «Таъминоти оби Қашқадарё», то имрӯз барои ҳалли мушкили оби ошомиданӣ дар вилоят аз буҷаи ҳукумати ҷумҳурӣ 1 триллиону 440 миллиард сӯм ҷудо гардида, таъминоти аҳолӣ бо оби тоза аз 20%-и соли 2016 ба 60 дарсад боло бурда шуд.

– Дар идомаи ҳашт сол ба чунин натиҷа расиданро тасаввур мекунед? Кори шӯхию ҳазле нест. Балки амалест, ки бузургдошти қадри инсонро дар кишвари мо махсус ифода месозад. Пеш аз ҳама ғамхории раҳбари давлат ва бетафовут набудани дигар аъзои ҳукумати ҷумҳуриро ба ҳаёти мардум ва фардои дурахшони онҳо бараъло таъкид мекунад, – гуфт директори Ҷамъияи саҳҳомии «Таъминоти оби Қашқадарё» Бекзод Шоимов.

Назар ба маълумоти ин идора, то кунун 4,5 ҳазор км хати обгузари қубурҳо хобонда шуда, 233 иншооти обрасонӣ барпо гардидаанд. Ҳамчунин маблағи ҳукумат ба харид ва насби 126 насоси замонавии каммасраф, ки оби тозаи ҳавзҳои махсусро ба самти манзили зисти мардум ва коргоҳу муассисаҳои қаламрав бо фишор интиқол медиҳанд, низ истифода шуданд ва кунун вазъи таъмини оби ошомиданӣ куллан тағйир ёфтааст. Дар натиҷаи татбиқ гардидани ин корҳо 256 маҳалла, ки фарогири 652 ҳазор нафар аҳолӣ ҳаст, аз оби тоза баҳраманд шуданд. Бояд таъкид кард, ки ба манзили зисти 285 ҳазор нафар сокинони вилоят бори нахуст оби ошомиданӣ интиқол ёфт, ки онҳо дар гузашти даҳсолаҳо омадани ин мояи ҳаётбахшро бесаброна интизор буданд. Ҷомаи амал пӯшидани орзуҳо боз ҳам фараҳбахш аст.

Ноҳияҳои Ғузор ва Деҳқонобод аз мавзеъҳое ба шумор мерафтанд, ки дар таъмини оби ошомиданӣ аз дигар ноҳияҳо хеле қафо монда, аҳолӣ бештар аз оби сой, захбур ва ҷӯйборҳо истифода мебурд. Аксари хонадонҳо обро бо мошинҳо кашонда, дар ҳавзҳои бетониву оҳанӣ нигоҳ медоштанд, ки харҷи зиёд дошт. Ин обро ба дидаҳо молидаву танҳо барои нӯшидан ва омода кардани ғизо истифода мекарданд. Одамон оби барфу боронро низ бо ҳар усул ҷамъ оварда, ба дигар ниёзи рӯзгор сарф месохтанд. Кунун то дари аксари хонадонҳо тавассути қубурҳои пластикӣ оби тоза интиқол ёфта ва одамон бароҳат аз ин неъмати худодод истифода мекунанд. Бояд гуфт, ки ҳукумати ҷумҳурӣ барои беҳбуд бахшидани вазъи таъмини оби ошомидании аҳолии ноҳияи Деҳқонобод лоиҳаи «Оқсу – Деҳқонобод»-ро дар амал татбиқ сохт, ки 282 миллиард сӯм қимат дошта, ба беҳтар гардидани ҳаёти 70 ҳазор аҳолии ноҳияи Деҳқонобод мусоидат намуд. Тибқи ин лоиҳа 79 километр қубурҳои ба фишори баланди об тобовар насб гардиданд ва дар фарҷом қисмати бештари аҳолии ноҳия, ки солиёни дароз аз камбуди оби ошомиданӣ ранҷ мекашиданд, бо об комилан таъмин шуданд. Ҳамчунин ноҳияи Ғузор низ аз минтақаҳое маҳсуб меёбад, ки бо мушкили оби ошомиданӣ сарбасар омада, кунун туфайли ғамхориҳои ҳукумат вазъ рӯ ба беҳбудӣ овардааст. Тибқи як тарҳи алоҳида барои таъмини аҳолии Ғузор бо оби тоза 212 миллиард сӯм равона шуда, барои таъмини аҳолии 12 маҳаллаи ин қаламрав 16 иншооти обрасонӣ сохтаву мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтанд. Дар натиҷа 17 ҳазор аҳолии ноҳияи Ғузор бори нахуст бо оби ошомиданӣ таъмин шуданд. Шароити як қисмати аҳолӣ дар ин самт ба таври чашмрас беҳтар шуд ва зиндагиашон сафо ёфт.

Бекзод Шоимов гуфт, ки дар идомаи соли 2024 аз буҷаи ҳукумат 212 миллиард сӯм барои сохтани иншооти гуногуни обрасонӣ ҷудо шуда буд. Кормандони идора муваффақ гардиданд, ки дар 62 иншооти обрасонии вилоят корҳои сохтмон ва тармимнамоиро дар амал татбиқ созанд. Аз ҷумла, 296 км қубури нави обгузар хобонданд, ки дар натиҷа таъминоти 215 ҳазор аҳолии вилоят бо оби ошомиданӣ беҳбуд ёфт.

Кормандони идораи мазкур ният доранд, ки соли 2025-ум низ дар самти мазкур зарбдорона меҳнат кунанд ва таъмини аҳолиро бо оби тоза аз 60 фоиз ба 65 фоиз бирасонанд. Мушкил дар ин соҳа оҳиста-оҳиста ҳалли худро меёбад ва дар сурати комилан бартараф гардидани он табиист, ки сатҳи зисти аҳолӣ як зина боло рафта, вазъи тандурустии онҳо низ беҳтар хоҳад шуд.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Қашқадарё.**

***Аз ҳисоби ҷалби сармояҳои хориҷӣ лоиҳаҳои зиёд мавриди татбиқ қарор мегиранд, иқтисодиёт рушд менамояд, дар соири шаҳру вилоятҳо корхонаҳои азим ба вуҷуд меоянд, сохтмонҳои гуногуни маъмуриву истиқоматӣ қомат меафрозанд, ҷойҳои нави корӣ фароҳам оварда мешаванд, самараи истеҳсолот рӯ ба нумӯъ меоварад. Барои ҳамин Президент ҷалби сармояҳои хориҷиро дар меҳвари таваҷҷуҳ қарор додааст ва аз мақомоти вилоятҳо низ тақозо менамояд, ки дар ин самт ташаббусҳои бештарро дар миён гузоранд. Аз ин раванд вилояти Фарғона ҳаргиз орӣ нест.***

# САРМОЯҲОИ ХОРИҶӢ БА ФАРОВОНИИ ҲАЁТ МУСОИДАТ МЕКУНАНД

Дар ин замина муовини ҳокими вилоят – сардори Садорати инвеститсия, саноат ва савдо Нуриддин Мамаҷонов маълумот ироа намуд. Ба гуфтаи ӯ соли сипаришудаи ҳудуди 1,8 миллиард доллар аз худ карда шуд ва корҳои пешбинишуда 114,1 фоиз иҷро гардид. Аз ин ҳисоб ҳаҷми сармоягузории мустақими хориҷӣ 361 миллион долларро ташкил дод. Дар муқоиса ба соли 2017, ки ҳамагӣ 31 миллион долларро ташкил медиҳад, дар соли 2024 ин рақам ба 58 маротиба афзоиш ёфтааст.

– Корхонаи хусусии ҶС «Индорама Коканд Текстил»-и Қӯқанд 27 миллион доллар, ҶДММ «Global Textile Infinity»-и Қӯштеппа 40 миллион доллар, ҶДММ «Unays bilding»-и шаҳри Фарғона 27,2 миллион доллар аз худ намуданд. Ҳамчунин дар соли 2024 дар вилоят 35 иншооти бузурги истеҳсолӣ ва пуриқтидор ба маблағи 335,5 миллион доллар мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд, – мегӯяд Нуриддин Мамаҷонов.

Аксари дастовардҳои ҷалби сармоя ба татбиқи лоиҳаҳое вобаста мебошанд, ки дар соли сипаришуда ба анҷом расидаанд. Тибқи барномаҳои сармоягузорӣ 1 ҳазору 182 лоиҳа ба маблағи 1 миллиарду 34 миллион доллар роҳандозӣ гардидааст, ки дар натиҷа зиёда аз 36 ҳазор ҷойи нави кор фароҳам оварда шудааст.

– Як ҷанбаи корҳоро бахши кишоварзӣ ташкил мекунад, ки 123 лоиҳа ба маблағи 50 миллион доллар амалӣ гардида, 13,6 ҳазор ҷойҳои нави кориро таъсис дод. Дар ин росто дар ҳамкорӣ бо Олмон аз ҷониби ҶДММ «Teamdress holding GmBh» дар Фарғона лоиҳаи истеҳсоли либоси махсус ба маблағи 3,2 миллион доллар мавриди татбиқ қарор гирифт, ки аз ҳисоби сармояи хориҷӣ фароҳам овардани 200 ҷойи нави кориро таъмин намуд, – тазаккур медиҳад муовини ҳоким.

Акнун чашмандозе мекунем ба татбиқи иҷрои дурнамои содирот ва самаранокии тадбирҳое, ки дар вилоят мавриди назар қарор гирифта буданд. Ба таъкиди Нуриддин Мамаҷонов дар соли 2024 дар маҷмӯъ ба ивази 1 миллиард доллар содирот шуд. Ҳамин тариқ, маҳсулоти кишоварзӣ 332 миллион доллар, маҳсулоти саноатӣ 672 миллион долларро ташкил дод. Ҳаҷми афзоиш 134 фоизро ташкил намуд.

– Ҷуғрофиёи содироти маҳсулот назар ба як соли пеш то 22 мамлакат васеъ гардид. Содироти маҳсулот ба Италия, Ҷопон, Испания ва Арабистони Саудӣ 4 маротиба, ба АМА, Тунис ва Туркия 3 маротиба, ба Белорус ду баробар рӯ ба афзоиш овард, – мегӯяд Мамаҷонов. – Ҳамзамон, бо мақсади васеъ намудани ҳаҷми содироту ҷуғрофияи он ва дастгирии молиявӣ ба содиркунандагони маҳаллӣ аз ҷониби Ширкати рушди тиҷорат ба 124 корхонаи содиркунанда дар ҳудуди 51,4 миллиард сӯм маблағ пардохт гардид ва аз ин корхонаҳо 182,2 миллион доллари амрикоӣ содирот ба амал бароварда шуд.

**– Дар робита бо ҷолибияти сармоягузории вилояти Фарғона ва шароити мусоид барои сармоягузорони хориҷӣ чиҳо метавон гуфт?**

– Солҳои охир тағйироти иқтисодӣ дар кишвари мо, бахусус иқтисоди озодшаванда таваҷҷуҳи зиёди сармоягузорони хориҷиро ба худ ҷалб намудааст. Имрӯзҳо инвесторҳое, ки ба вилояти Фарғона ташриф меоваранд, ба ислоҳоти доманфарох аз наздик ошно мешаванд, аз раванди имтиёзҳое, ки барои сармоягузорони хориҷӣ фароҳам оварда шудааст, ибрози ҳайрат менамоянд. Мешавад гуфт, ки ин раванд барои барпо намудани пули байни Ӯзбекистон бо мамолики Шарқи Наздик, Осиёи Марказӣ, Аврупо ва манотиқи дигари олам хеле мусоидат менамояд. Аз ин лиҳоз, дар арсаи байналмилалӣ ҷойгоҳи худро пайдо кардани ин минтақаи биҳиштосо ва афзоиши ҷолибияти сармоягузории вилоятро нишондиҳандаи чанде пеш эълонкардаи S&P Global Rating ҳамчун рейтинги кредитии «B+», яъне «Барқарор» эътироф кардааст.

Дарвоқеъ, дар гузориши нав, махсусан, суръати баланди афзоиши буҷаи вилоят, мавҷуд набудани қарзи тиҷоратӣ ва дар натиҷаи қариб сифр будани сатҳи қарзи вилоят устувор боқӣ мондани нишондиҳандаҳои пардохтпазирӣ эътироф шудааст. Ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ ва динамикаи босуръати савдои хориҷӣ ба гирифтани рейтинги мусбати байналмилалӣ таъсири мусбӣ расондааст.

**– Инкишофи сармоягузорӣ аз ҳадафҳоест, ки ҳамеша мавриди назари Сардори давлат мебошад. Дар мисоли вилояти Фарғона барои соли нави 2025 иҷрои кадом нақшаҳо барномарезӣ шудаанд?**

– Дар доираи қарори Президент «Дар бораи чораҳо оид ба рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Фарғона ва беҳтар намудани муҳити сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ» аз 16 декабри соли 2024 дар соли 2025 ҳудуди 3,7 миллиард доллар сармоя азхуд карда мешаванд ва 44 ҳазор ҷойи кори даромаднок фароҳам оварда мешаванд. Дар ноҳияи Данғара миёни Чин ва ҶДММ «Qashqar po'lat metall» ба маблағи 10 миллион доллар шартнома баста шуд. Лоиҳаи мазкур барои истеҳсоли гайка ба роҳ монда шуда, 30 ҷойи корӣ таъсис медиҳад. Дар корхонаи хориҷии «Ён Хин»-и ноҳияи Учкӯприк ба ивази 70 миллион доллар истеҳсоли плитаҳои сафолин роҳандозӣ мегардад. Интизор меравад, ки лоиҳа 500 ҷойи нави кор ба вуҷуд хоҳад овард.

**– Ин маҳсулот асосан мавриди содирот қарор хоҳад гирифт?**

– Бале. Мо дар соли 2025 бо маблағи 1,5 миллиард доллар содироти маҳсулотро ба нақша гирифтаем. Аз ин миқдор 475 миллион долларро маҳсулоти кишоварзӣ ва 1 миллиарду 25 миллион долларро маҳсулоти саноатӣ ташкил мекунанд, ки нисбат ба соли 2024 1,3 маротиба зиёд хоҳад шуд. Дар вилоят нахуст 95 корхонаи нав ташкил карда мешавад, ки маҳсулоти содиротии он 185 миллион доллар мебошад. Дувум, содири 10 намуди гиёҳи шифобахш ба роҳ монда хоҳад шуд.

Гуфта шуд, ки барои соли 2025 феҳрасти муқаддамотии лоиҳаҳо ташаккул дода шуд. Ҷиҳати татбиқи лоиҳаҳо дар доираи барномаи инвеститсионии минтақавӣ 1 ҳазору 200 лоиҳа ташаккул ёфтааст, ки маблағи он 1,5 миллиард долларро ташкил менамояд. Дар натиҷаи татбиқи ин лоиҳаҳо 44 ҳазор ҷойи нави корӣ фароҳам оварда мешавад. Дар натиҷаи ба 210 гектар тавсеа ёфтани майдони Минтақаи иқтисодии Қӯқанд дар шаҳри Қувасой 185 лоиҳаи нав ба амал бароварда мешаванд, ки 11,8 ҳазор ҷойи нави корӣ таъсис медиҳанд.

Нуриддин Мамаҷонов дар поёни сӯҳбат иброз дошт, ки мувофиқи супоришҳои Сарвари давлат зимни ташриф ба вилояти Фарғона дар 11-12 июли соли 2024, дар шаҳри Қӯқанд чораву тадбирҳои ташкил намудани минтақаи хоси индустриалӣ – «Технопарки Қӯқанд» беш аз пеш вусъат ёфтааст. Вай афзуд, ки дар 230 гектар замини барои технопарк ҷудошуда дар марҳилаи аввал ба маблағи 1,5 миллиард доллар лоиҳаҳо таҳти татбиқ қарор мегиранд, ки камаш фароҳам овардани 5 ҳазор ҷойҳои нави сердаромади корро барномарезӣ кардааст. Гузашта аз ин, дар 1 ҳазору 210 гектар майдонҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят корҳои ташкил намудани минтақаҳои махсуси саноатӣ бо суръати хос идома доранд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

# ФЕСТИВАЛИ ВАТАНПАРВАРӢ

***Дар вилояти Намангон ба муносибати 33-юмин солгарди ташкилёбии Неруҳои Мусаллаҳ моҳонаи ҳарбию ватанпарварӣ таҳти шиори «Неруи Мусаллаҳи Ӯзбекистони Нав – такягоҳи мамлакат, ғуруру ифтихори халқ!» фестивали ватанпарварӣ ва «Вохӯрии се авлод» бо ҳамкории ҳокимияти ноҳияи Янги Намангон, прокуратураи ҳарбии вилоят, ташкилоти «Ватанпарвар» ва Садорати корҳои мудофиаи вилоят баргузор гардид.***

Дар чорабинӣ барои иштирокчиён намоиши аслиҳа ва лавозимоти ҷангӣ, ҳунарнамоии дастаи оркестри ҳарбӣ ва ракетамоделчиёни ташкилоти «Ватанпарвар» ташкил карда шуд.

Ҷавонони фаъол, ки ба соҳаи ҳарбӣ завқу шавқ доранд, ба саволҳои худ оиди тартиби адои хизмати ҳарбӣ ва муассисаҳои таълими ҳарбии кишвар аз мутахассисони соҳа ҷавоб гирифтанд.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти**
**Намангон.**

***Об манбаи ҳаёт аст, бидуни он тараққиёт, билхосса пешравии хоҷагии қишлоқро умуман тасаввур наметавон кард. Дар вилояти Сурхондарё ҳам оби ошомиданӣ ва ҳам захираҳои оби обёрикунанда кифоят мекунад. Дарёҳои мавҷуд, обанбору каналҳои бунёдёфта барои таъминоти аҳолӣ бо манбаи ҳаёт омили муҳим маҳсуб меёбанд.***



# КАНАЛИ «ҲАЗОРБОҒ – ОҚҚАПЧИҒАЙ» АЗ НАВ БАРҚАРОР ГАРДИД

Ниҳоят, лоиҳаи бузургҳаҷми «Беҳсозии раванди истифодабарии манбаъҳои об дар вилояти Сурхондарё», ки бо иштирок ва маблағи Бонки тараққиёти исломӣ барои аз нав барқарор сохтани канали «Ҳазорбоғ – Оққапчиғай» нигаронида шуда буд, амалӣ гардид. Қиммати умумии ин лоиҳа 121,7 млн. доллар буда, амалисозии он зиёда аз се сол идома ёфт. Тазаккур бояд дод, ки манбаи ин канали бузург Тӯпалангдарёи азим буда, он ҳанӯз солҳои 50-уми асри гузашта бунёд ёфтааст ва он 5 ноҳия – Сариосиё, Деҳнав, Олтинсой, Бандихон ва Қизирикро убур мекунад ва хоҷагии қишлоқи ин минтақаҳо ва боз қисме аз заминҳои ноҳияҳои Шӯрчиву Қумқӯрғон ва Шерободро бо об таъмин месозад. Баъд аз зиёд шудани аҳолӣ ва васеъ гардидани майдонҳои кишт дар минтақа, инчунин, таъмирталаб гардидани канали мазкур зарурати боз ҳам чуқуртару васеътар кардани он ба миён омада буд. Ниҳоят, 156 километри он пурра реконсрукция карда шуда, 538 иншооти гидротехникӣ ва 27 кӯпруки мустаҳками нақлиётгузар бунёд карда шуд.

30 декабри соли сипаришуда, дар арафаи Соли нав чун туҳфаи идона ба муносибати ба истифода дода шудани ин иншооти бузург чорабинии мутантан баргузор шуд. Дар он вазири хоҷагии об Шавкат Ҳамроев, ҳокими вилояти Сурхондарё Улуғбек Қосимов, ҳокимони шаҳру навоҳӣ, роҳбарони корхонаву ташкилотҳои мутасаддӣ, намояндагони ВАО, нурониёну фахриёни меҳнат ширкат варзиданд.

Зикр кардан ба маврид аст, ки баъди аз нав барқарор кардани канал обёрӣ кардани 103,4 ҳазор гектар майдони кишти манотиқи зикршуда беҳ мегардад. Аз ҷумла, 38,5 ҳазор гектар майдони кишти ноҳияи Шеробод низ бо оби ҷорӣ таъмин мешавад. Заминҳои нави лалмие, ки то ҳол нокорам буд ба замини корами обӣ мубаддал мегардад. Хоҷагиҳои деҳқонии наздиҳавлигии 232 ҳазор аҳолии ноҳияҳои зикршуда бо об таъмин карда мешаванд. Дар назар аст, ки исрофи об ҳам то 40 фоиз кам мешавад.

Вазири хоҷагии қишлоқ таъкид кард, ки дар вилояти Сурхондарё раванди амалисозии лоиҳа рушд мекунад ва сол то сол тарзи зисту зиндагонии аҳолӣ беҳ мегардад. Дар чорабинӣ нурониёну собиқадорони меҳнат низ ба сухан баромада, эътибори ҳукумат ва Президентро дар боби беҳсозии ҷараёни таъминоти об дар вилоят алоҳида таъкид намуда, миннатдории хешро изҳор намуданд. Заминҳои нави корам ва боғзорҳо бунёд гардиданаш албатта, баҳри фаровонии ҳаёти мардум хидмат мекунад.

Инчунин, дар чорабинӣ бо мақсади боз ҳам беҳсозии фаъолияти Саридораи ҳавзаи ирригатсионии «Аму – Сурхон» 4 экскаватор, 10 мотороллери боркашон, 6 трактор ва 4 ядак (присеп) супорида шуд.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Сурхондарё.**

## ӮЗБЕКИСТОН – ЧИН:

# ҚАДАМИ НАВБАТӢ ДАР РУШДИ ҲАМКОРИҲОИ ТИҶОРАТИЮ ИҚТИСОДӢ

***Дар шаҳри Тошканд бо ҳамкории Сафорати Ҷумҳурии Мардумии Чин дар мамлакат форуми тиҷоратии Ӯзбекистон – Чин баргузор гардид.***

Дар ифтитоҳи чорабинӣ, ки намояндагони вазорат, роҳбарони идораҳои дахлдор, қариб 400 нафар вакилони тиҷоратӣ иштирок карданд, Сафири Фавқулода ва Мухтори Чин Юй Тсзюн таъкид кард, ки баргузории форум дар роҳи амиқсозии робитаҳо, таҳияи лоиҳаҳои нав, умуман, рушди ҳамкориҳои савдою иқтисодӣ қадами навбатӣ гардид.

Зикр гашт, ки тайи солҳои охир доираи ҳамкориҳои Чин ва Ӯзбекистон пайваста густариш меёбад. Ҳоло Чин бузургтарин шарики тиҷоратӣ ва сармоягузори ҷумҳурии мо мебошад.

Дар охири соли 2024 ҳаҷми сармоягузории Чин ба мамлакатамон аз 10 миллиард доллар афзуд, ҳаҷми гардиши мол 13,1 миллиард долларро ташкил кард.

Ҳоло дар Ӯзбекистон бо иштироки сармояи Чин 3357 корхона фаъолият дорад, ки дар соҳаҳои муҳими минтақаҳо аз қабили энергетика, саноати сабук, рушди инфрасохтор, истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, икитшофи геологӣ лоиҳаҳо татбиқ мегарданд.

Дар идома оиди фазои мусоиди тиҷоратӣ дар Ӯзбекистон, фароҳам овардани шароит баҳри ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои соҳибкорон маълумот дода шуд. Ҷанбаҳои муҳими иқтидори сармоягузорӣ ва саноатии мамлакат муаррифӣ гардид. Омодагӣ барои дастгирии ҳамаҷонибаи соҳибкорон дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва истифодаи иншооти зарурӣ баён карда шуд.

Дар доираи чорабинӣ бахшида ба иқтидори сармоягузорӣ ва сайёҳии мамлакатамон тақдимот низ гузаронида шуд. Вохӯриҳо дар шакли B2B ва B2G ташкил карда шуданд. Иштироккунандагон барои роҳандозии робитаҳои нави ҳамкорӣ, баррасии ташаббусҳои ояндадор, имзо кардани шартномаҳои манфиатовар имкон пайдо карданд.

**Гӯзал САТТОРОВА,**
**мухбири ӮзА .**

***Раиси Палатаи савдо ва саноати Ӯзбекистон Даврон Ваҳобов бо Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Мисри Араб дар кишвари мо Тамер Фатҳи Абдуссалом Ҳаммад мулоқот анҷом дод.***

# БАРРАСИИ НАҚШАҲОИ ОЯНДА

Дар ҷараёни музокирот масъалаҳои муҳими густариши ҳамкорӣ дар соҳаҳои савдо, иқтисод, сармоягузорӣ ва саноат муҳокима шуданд. Аз ҷумла, ҷонибҳо оид ба татбиқи лоиҳаҳои нав дар соҳаи заргарӣ, нассоҷӣ ва истеҳсоли асал мубодилаи афкор намуданд.

Айни замон дар кишвари мо 15 корхона бо иштироки сармояи Миср фаъолият доранд. Дар нимаи дуюми моҳи феврал ташрифи ҳайати соҳибкорони давлати араб ба кишвари мо пешбинӣ шудааст, ки дар доираи он Форуми соҳибкорони Ӯзбекистон – Миср ва мулоқоти B2B баргузор мегардад.

Дар ин анҷуман намояндагони корхонаҳои пешқадами хориҷӣ, ки дар соҳаҳои савдо, кимиё, сохтмон, масолеҳи сохтмонӣ, кишоварзӣ, тандурустӣ, дорусозӣ, консалтинг, металлургия, логистика, электротехника ва маҳсулоти чарм тахассус доранд, иштирок хоҳанд кард.

**Муҳаррама ПИРМАТОВА,**
**мухбири ӮзА.**

# ЗИНАҲОИ КАМОЛОТИ МАКТАБ-ИНТЕРНАТИ ҚАРОКӮЛ

***Тоҷи сари ҷумла ҳунарҳост илм,***
***Қуфлкушои ҳама дарҳост илм.***
***(ҶОМӢ).***

***Мактабе, ки замоне ба вай Муаллими халқии Ӯзбекистон, соҳиби ордени «Эл-юрт ҳурмати» Тӯхтамурод Ҷумъаев асос гузошта буд, солҳои тӯлонӣ на фақат дар мамлакатамон, балки берун аз ҳудудҳои он низ шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кард. Овозаи таълиму тарбияи намунавӣ, комёбии шогирдони ин даргоҳ чунон машҳур гардид, ки падару модарон аз гӯшаву канори мамлакат бо орзуи таҳсил дар ин таълимгоҳ фарзандони худро меоварданд. Аз тарафи дигар ба ин даргоҳ на ба ҳар кас бахти талабагӣ насиб мекард. Азбаски дар ин ҷо риояи меъёри адолати иҷтимоӣ волост, ба бачагони муносибтарин, соҳибилму пуриқтидор имконияти шогирдӣ муяссар мегардад.***
***«Ба ин даргоҳ қабулкунии довталабон нисбат ба таълимгоҳҳои олӣ душвортар аст» гуфтани волидон беҳуда нест.***
***Борҳо ба ин даргоҳ рафта аз ҳаёти он дар «Овози тоҷик» мақолаҳо навиштаем. Темир Рӯзиев аз соли 2009 директори ин таълимгоҳ. Мактаб бо ташаббуси ӯ худи ҳамон сол бо қарори ҳокими ноҳия ба таълимгоҳи ихтисосонидашудаи давлатии таълими умумии №52, соли 2013 мувофиқи қарори ҳокими вилоят ба мактаб-интернати ихтисосонидашудаи давлатии миёнаи умумии №1 мубаддал гашт. Бачагон ба ин ҷо аз синфи 2, баъдтар аз синфи 5, се-чор сол сонӣ аз синфи 7 қабул мегарданд. Мактаб-интернат ба фанҳои математика, физика, кимиё, биология ва забони англисӣ ихтисосонида шудааст.***



## Роҳ сӯйи камолот

Самараи кори ҷамоаи мактаб-интернат соли 2015 падид омад.

Шогирдаш Аббос Сайлиев тобистони ҳамон сол дар озмуни байналхалқии фанни математика дар Чин соҳиби медали нуқра гардид. Пас аз як сол хонандаи синфи VII Шаҳбоз Ҳасанов низ дар озмуни байналхалқии математика дар Шоҳигарии Таиланд медали нуқра гирифт. Ӯ баъди панҷ моҳ дар Ҷопон дар озмуни математика «Гран-при»-ро ба даст даровард. Шогирди дигари мактаб Олимҷон Олимов дар озмуни фанни математика дар Маскав таҳти унвони «Ҳазорсолаи сеюм» сазовори медали биринҷӣ шуд.

Соли 2017 озмуни байналхалқии Лакҳнави Ҳиндустон барои таълимгоҳ таърихӣ гардид. Шогирдони он Дониёр Исмоилов, Севара Остонова соҳибони медалҳои тиллоӣ ва Олимҷон Олимову Исмоил Пӯлодов соҳибони медалҳои нуқра гардиданд. Бобур Ҳалимов дар озмуни байналмилалии «Мирзо Улуғбек»-и Самарқанд медали биринҷиро ба даст даровarда, ба таҳсили мактаби олӣ роҳхат гирифт. Соли 2018 дар озмуни байналхалқии математикаи Булғория Дониёр Исмоилов медали тиллоӣ, Лазиз Раҷаббоеву Севара Остонова медалҳои нуқраро ба даст дароварданд. Охири ҳамон сол онҳо дар озмуни байналхалқии Боку аз фанҳои математика, физика ва кимиё бо медалҳои нуқра сарфароз гаштанд.

Комёбиҳои пай дар паи шогирдони мактаб боиси афзудани обрӯю эътибори таълимгоҳашон гардид. Беҳуда нест, ки соли 2019 дастпарварони ин ҷо Нафосат Ҷӯрабекова, Севара Остонова соҳиби мукофоти давлатии ба номи Зулфия ва сонитар Дониёр Исмоилов, Анварбек Раҳматов ва Лазиз Раҷаббоев сазовори мукофоти давлатии «Мард ӯғлон» гардиданд.

Соли 2019 дар Дурбани Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ 4 нафар шогирди мактаб-интернат иштирок карда, бо 1 медали тиллоӣ ва 2 медали биринҷӣ (бо ҷамоа ҷойи сеюмро гирифта бо 4 медали биринҷӣ) баргаштанд.

Ҳамон сол дар озмуни «Инфоурок» аз фанни математика, ки дар шаҳри Смоленски Русия ба амал омад, 36 нафар талабагони мактаб онлайн иштирок карда, 33 нафари онҳо соҳиби ҷойҳои 1,2,3 гардиданд. Худи ҳамон сол шогирдони ин мактаб дар озмуни математика таҳти унвони «Ҳазорсолаи сеюм»-и Маскав иштирок карда, сазовори дипломҳои дараҷаҳои 1,2,3 шуданд. Боз дар соли 2019 шогирдони таълимгоҳ дар озмуни биология дар шаҳри Минскi Белорус бо иштироки онлайн соҳиби се диплом гаштанд.

Ҳамин тариқ, дар «Озмуни ҷумҳуриявии математикаи Қарокӯл – Тӯхтамурод Ҷумъаев» зиёда аз 1300 нафар (аз Қарокӯл 25 нафар шогирдони мактаб-интернат) талабагон иштирок карданд.

Моҳи январи соли 2020 дар шаҳри Голд Кости Австралия дар озмуни байналхалқии математика Бекзод Нуриддинов соҳиби медали тиллоӣ гардид.

– Боиси ифтихор аст, ки ҳар чор медали тиллоие, ки ҷамоаи Ӯзбекистон дар озмунҳои байналхалқии фанни математика ба даст овардааст, маҳсули заҳматҳои талабагони мактаби мост, – гуфта буд он гоҳ сарвари таълимгоҳ Темир Рӯзиев.

(Давомаш дар саҳ.4).

*Дар мавзӯи муҳим*

***Китоби дарсӣ яке аз аёниятҳои муҳимтарини ҷараёни дарс мебошад. Босифат, беғалат ва дар асоси стандартҳои байналмилалӣ омода шудани китобҳои дарсӣ барои баланд бардоштани сифати таълим, беҳтар гардидани сатҳи дониши хонандагон, инчунин, пурмазмуну ҷолиб гузаштани дарсҳо мусоидат мекунад.***

# АЗ САД ҒАЛАТ АНДАКЕРО ГУФТЕМ...

Бояд гуфт, ки солҳои охир эътибор ба мазмун, мундариҷа ва сифати китобҳои дарсии мактабҳои ҳамагонӣ афзуд. Ҳоло китобҳо бо сифати хуб ва тибқи меъёрҳои ҷаҳонӣ чоп мешаванд, вале наметавон гуфт, ки беғалату камбудӣ...

Дар аксар китобҳои дарсӣ хатоҳои имлоӣ, вайрон шудани мазмуни ҷумла, тарҷумаи таҳтуллафзӣ ва корбурди нодурусти калимаҳо, ба мавзӯъ мувофиқат накардани мисолу супоришот ва монанди ин ба чашм мерасад. Бахусус, дар китобҳои дарсии синфҳои ибтидоӣ мушоҳида шудани чунин ғалатҳо хеле нохушоянд аст.

Мо чунин камбудиҳоро дар китоби «Математика»-и синфи дуюм, ки соли 2021 бо тавсияи Вазорати таълими халқ нашр шудааст, метавонем мушоҳида кунем.

Масалан, дар машқи дувуми мавзӯи «Квадрат ва росткунҷа» (дарси 6) ҷумлаи «Тарафҳои росткунҷа қад ва бари он номида мешавад» гуфта шудааст. Дар ин ҷумла истифодаи калимаи «қад» норавост. Чунки «қад» асосан ба маънои қомати одам, ҳайвон ё растанӣ истифода мешавад. Аз ин рӯ, корбурди калимаи «дарозӣ» мувофиқтар аст. Дар машқи чоруми ин мавзӯъ «Дар асоси намуна ифода сохта онро ҳисоб мекунем» навишта шудааст. Агар ҳамин ҷумларо дар шакли «Дар асоси намуна ифода менамоем ва ҳисоб мекунем» менавиштанд, беҳтар буд.

Дар машқи якуми мавзӯи «Периметри квадрат ва росткунҷа» (дарси 7) чунин ҷумла ҳаст: «Ба ҳамин тавр усул периметри квадратро мeёбем». Агар ҷумларо дар шакли «Бо ҳамин усул периметри квадратро меёбем» менавиштанд, хубтар буд. Калимаи «тавр» бемаврид истифода шудааст.

Шарти машқи дувуми ин мавзӯъ – «Периметрҳои шаклҳо ба чӣ баробар аст?» низ мантиқан нодуруст аст. Бояд «Периметри шаклҳо ба чанд баробар аст?» ё «Периметри шаклҳоро ёбед» менавиштанд. Чунин тарзи нодурусти саволгузорӣ дар машқи якуми мавзӯи «Бисёркунҷа ва периметри он» (дарси 9) низ ба чашм мерасад.

Дар китоб аз чӣ сабаб бошад, ченакҳо бо ҳарфҳои лотинӣ навишта шудааст: cm, mm, dm, kg ва ғайра. Масалан, дар мавзӯи «Воҳиди ченаки дарозӣ – миллиметр» (дарси 22) онро тавзеҳ дода, «Мухтасар ба тарзи mm навишта мешавад» гуфтаанд. Кас ҳайрон мешавад, ки чаро бо ҳарфҳои лотинӣ ишора кардаанд? Ё дар ҷумлаи «Массаи ҳар як тӯб 1 kg аст, массаи қуттиро ёбед» (дарси 13, саҳ.133) низ чунин ғалат ба чашм мерасад.

Дар китоб номи пурраи ченакҳо бо кирилӣ навишта шудааст, аммо шакли мухтасари онҳо бо лотинӣ ишора гардидааст, ки ин начандон дуруст аст.

Инчунин, дар бисёр калимаву ҷумлаҳо ғалатҳои имлоӣ ва маъноӣ ба чашм мерасад. Масалан, танҳо дар саҳифаи 113-уми китоб калимаҳои «катак» (хонача), ашёҳо (ашё), «милиметр» (миллиметр) нодуруст ва бо ғалат корбурд шудаанд.

Ин ҷо аз ғалатҳои зиёди китоб андакеро овардем. Дуруст, ки баъд аз чопи ин китоб боз чанд нашри нави онро нашр намуданд ва ба мактабҳое, ки таълим бо забони ӯзбекӣ ва русӣ аст, дастрас карда шуд. Аммо дар мактабҳое, ки таълим ба забони тоҷикӣ аст, то ҳол аз ҳамин нашри кӯҳна истифода мебарем.

Набояд фаромӯш кард, ки хонандагони синфҳои ибтидоӣ табиатан кунҷков мешаванд ва ба ҳама чиз, ҳар як маводу маълумот бо шавқу рағбат муносибат мекунанд. Вақте онҳо дар китобҳои дарсӣ камбудӣ, нуқсон ва ё ғалатеро пай мебаранд, зуд ба муаллим муроҷиат мекунанд. Дар чунин ҳол муаллим ба вазъи ногувор меафтад. Худ аз худ боварии донишомӯзон на танҳо ба муаллими фан, балки ба китобҳо низ аз байн меравад.

Аз ин рӯ, аз кормандони масъул хоҳиш мекунем, ки дар раванди омодасозии насли нави китобҳои дарсӣ ва тарҷумаи онҳо эҳтиёткор бошанд, барои ҳамкорӣ омӯзгорони бохираду ботаҷрибаро даъват кунанд, то чунин камбудиву ғалатҳо ба китобҳо роҳ наёбанд.

**Азамат МИРЗОЕВ,**
**омӯзгори синфҳои ибтидоии мактаби таълими умумии рақами 43-юми ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ**

# МУЖДА АЗ «ШАКАРДАРА»

***Нависанда ва шоираи маҳбуби бачаҳо Маҳбуба Неъматзода соли равон ба синни муборакi 75 қадам гузошт. Соли гузашта «Шакардара» ном китоби адиба сазовори мукофоти ба номи Садриддин Айнии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон шуда буд. Ба ин муносибат мухбирамон Зоҳир Ҳасанзода бо Маҳбуба НЕЪМАТЗОДА суҳбат орост.***



**– Устоди азиз, аввало шуморо ба муносибати 75-солагӣ, сипас, бо гирифтани ҷоизаи ба номи Садриддин Айнӣ аз самими дил табрик мегӯям.**

– Сипос, соли 2023 нашриёти «Адиб»-и Тоҷикистон «Шакардара» ном китоби маро чоп кард, ки он мисли китобҳои пешинаам аз шеъру ҳикоя, афсона ва чистону тезгӯякҳо иборат буд.

Китоби нав аз ҷониби хонандагон ва мунаққидони адабиёти бачаҳо баҳои баланд гирифт ва онро шӯрои адабиёти бачаҳои Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ба мукофоти ба номи Садриддин Айнӣ пешниҳод кард. Баъди чанд моҳ интернет аз «Шакардара» ба ману самарқандиён мужда расонд.

**– Хуб медонам, ки Шумо дар оилаи ҳунарманд ва санъаткорони номӣ ба дунё омадаед. Аз нӯҳ нафар фарзанд се нафар роҳи санъатро пеш гирифтанд. Додаратон – Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Баҳодур Неъматов ҳамчун ҳофизи хушовоз ва бастакор дар инкишофи эстрадаи тоҷик саҳми босазо гузошт. Бародаратон Музаффар Неъматзода (руҳашон шод бод) ҳамчун меъмор ба гирифтани мукофоти ба номи Рӯдакӣ мушарраф гардиданд. Сабаби ба адабиёт рӯ овардани шумо дар чист?**

– Модарам Марямҷон (ҷояшон биҳиштӣ барин бод) дар ҷавонӣ бахиядӯзи номӣ буданд. Модаркалони шеърдӯстам Мастурабонуи бухороӣ барои гулдӯзиҳои модарам абрешимро ранг дода, ба воситаи чарху дук ба ғалтак мепечонданд.

Ҳангоми чархресӣ борҳо шунидаем, ки ғазалҳои Ҳофизу Саъдиро замзама мекарданд.

Аз модаркалони зиндадилу шеърхонам ишқи шеър ба ман мерос монд.

**– Аввалин шеъри худро кай навиштед?**

– Овони таҳсил дар синфи нӯҳуми мактаби рақами 15-уми шаҳри Душанбе аввалин шеърҳои навмашқонаи ман рӯйи коғаз омадаанд. Рӯзе даҳ-дувоздаҳ шеърро дар дафтаре навишта роҳи идораи рӯзномаи «Пионери Тоҷикистон»-ро пеш гирифтам. Бо ҳаяҷон дари утоқи сармуҳаррири рӯзномаи бачаҳо, шоира Мавҷуда Ҳакимоваро боз карда, бо эҳтиром салом додам.

– Дароед, дароед, – бо табассум ба саломам ҷавоб дода гуфтанд он кас. Азбаски фарши утоқ гилеми хушранг дошт, бо кафши гилолуд ҷуръати даромадан накарда, лаҳзае паси дар ҳайрон мондам.

– Ҳеҷ гап не, биёед духтарҷон, – бо меҳрубонӣ гуфтанд ҷонишини сармуҳаррир Акбар Қодирӣ. Устод Мавҷуда Ҳакимова баъди аҳволпурсӣ ба хондани навиштаҳои ман шурӯъ карданд...

Тақрибан баъди ду-се ҳафта дар рӯзномаи «Пионери Тоҷикистон» нахустин шеърам бо номи «Сулҳу дӯстӣ» чоп шуд. Хурсандиам ҳадду канор надошт...

**– Бо санъатшинос, шоир ва воқеанигор Ҳазрат Сабоҳӣ беш аз 50-сол аст, ки зиндагии хушбахтона доред. Ба ҳаёти шумо, рости гап, бисёриҳо бо ҳавас менигаранд. Бигӯед, ки тақдир чӣ тавр шумоёнро рӯ ба рӯ кард?**

– Соли 1966 ба бахти мо – хатмкунандаҳои мактаби миёна дар назди факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон бори аввал шуъбаи журналистӣ таъсис ёфт. Бо маслиҳати устодонам ҳуҷҷатҳоямро ба ҳамин шуъба супоридам.

Шоири навқалам ва мухбири ҷавон Ҳазрат Сабоҳӣ низ бо нияти таҳсил дар ин шуъба ба Душанбе омада будаанд. Бахт ба рӯйи мо хандид, донишҷӯ шудем.

Ҳазрат Сабоҳӣ ситораи гарм ва дониши баланд доштанд. Муҳимтар аз ҳама камсухан ва хоксор буданд. Ман ҷавонҳои лаққиву сергап ва мағрурро бад медидам.

Мо моҳи сентябри соли 1971, баъди хатми донишгоҳ, издивоҷ кардем. Сад шукр, ки се нафар фарзанд, даҳ набера ва ду абера дорем.

**– Шумо дар ҳар куҷо, ки будед ба ёди бачаҳо будед, барои онҳо шеър менавиштед. Бигӯед, ки беҳтарин шеъри худро кай, дар куҷо эҷод кардед?**

– Ба фикрам, «Дар роҳ» ном шеърам беҳтарин аст. Он соли 2005 дар шаҳри Машҳади Эрон рӯйи коғаз омад.

*Аз раҳи Сӯзангарон*
*Танҳо будам ман равон.*
*Баногаҳ омад ба шаст*
*Сарам бизад бо ду даст.*
*Сипас бизад он ба рӯ*
*Ба чашму абрӯву мӯ.*
*Бизад ба поҳои ман*
*Ба кафши зебои ман.*
*Аммо ман наранҷидам*
*Ба зери лаб хандидам.*
*Зеро ки баҳорон буд*
*Он чӣ мезад, борон буд.*

**– Дар як манзил бо ҳам зиндагӣ кардани ду эҷодкор осон аст ё мушкил?**

– Ба фикри ман, шавҳари зани эҷодкор аҳли қалам бошад, хеле хуб аст. «Қадри зар – заргар бидонад». Агар шавҳари рӯзноманигор, олим ва шоир намедоштам, наметавонистам, ки солҳои зиёд дар соҳаи матбуот кор кунам. Ба шарофати ғамхории устод ман Олмон, Эрон, Озарбойҷон, Гурҷистон, Русия, Покистон ва Афғонистонро дидам. Устод одати хубе доранд, ҳаргоҳ дар хона машғули навиштан мешавам, кӯшиш мекунанд, ки ба ман халал нарасонанд.

Шеъру ҳикоя ё афсонаву чистонҳоямро аввал ба дасти Ҳазрат Сабоҳӣ месупорам. Он кас хонда баҳояш панҷ гӯянд, хурсанд мешавам.

**– Ҳаёти шумо хеле рангин, пурмазмун ва самарабахш гузаштааст. Дар баробари фаъолият дар рӯзномаву маҷаллаҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон чор сол дар Афғонистон, даҳ сол дар Эрон кор ва зиндагӣ кардед. Кадом солҳои ҳаётатон барои шумо солҳои пурмаҳсул буданд?**

– Соли 1993 ба сабаби нооромӣ дар Тоҷикистон ва муваққатан аз фаъолият бозмондани маҷаллаи «Чашма» ба Самарқанд омадем. Дар мактаб омӯзгор шуда, бо рӯзномаи «Овози Самарқанд» ҳамкорӣ доштам. Баҳори соли 1996 бо даъвати сармуҳаррири рӯзномаи шаҳрии «Самарқанд» Тошпӯлод Раҳматуллоев ва ба шарофати шодравон нависанда Ӯктами Иброҳим дар рӯзномаи шаҳрӣ ба кор шурӯъ кардам.

Солҳои 1996-2000 барои ман беҳтарин солҳои умр буданд. Ин солҳо, баробари хабару мақола, мусоҳиба, ҳаҷвия, пайваста барои бачаҳо шеъру ҳикоя, афсонаву чистонҳо менавиштам. Дар давоми панҷ сол се китобам бо номҳои «Меҳрубон», «Таваллудат муборак», «Бонуи бобо» дар нашриётҳои «Самарқанд», «Зарафшон», «Суғдиёна» бо тиражи чор ва ҳашт ҳазор нусха аз чоп баромад. Ҳамон солҳо хонандаҳои хурдсоли мактабҳои тоҷикии Ӯзбекистон ташнаи китоби бадеии тоҷикӣ буданд. Соли 2000 маро ба воҳӯрӣ бо донишҷӯёни факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд даъват карданд. Хушбахтона дар ин воҳӯрӣ як гурӯҳ иштирокчиёни олимпиада – донишҷӯёни Институти педагогии Ангрен таҳти сарварии олим Фарҳод Исомиддинов иштирок доштанд.

(Давомаш дар саҳ.4).

# КУЛОЛГАРӢ – ХАЗИНАИ БЕБАҲО

***Маркази байналмилалии кулолгарии Риштон се сол муқаддам бо иқдоми Сарвари давлатамон арзи вуҷуд намудааст. Он аз тамоми шароити зарурӣ бархурдор буда, дар ҳамин ҳол ба ҷойи дӯстдоштаи даҳҳо ҷавононе табдил ёфтааст, ки ба он ҷо барои омӯзиши асрори кулолгарӣ меоянд. Дар оянда маҳз ҳамин ҷавонон баҳри ҳифз ва рушду ривоҷи санъати кулолгарии суннатӣ, барқарор намудани навъҳои гумшудаи он талош хоҳанд кард.***

Аз вақти ифтитоҳ то кунун дар Маркази байналмилалии кулолгарии Риштон 20 нафар намояндагони оилаи кулолгарон машғули кор мебошанд, ки маҳсулоти онҳо кайҳо аз қаламрави кишвар баромада, дар бозорҳои мамолики гуногуни Аврупову Осиё ва Амрико харидорони худро пайдо кардааст.

Дарҳақиқат, вижагии кулолгарии Риштон хеле зиёд аст. Ҳатто аз гили маҳаллӣ кулолгарон маҳлулҳое тайёр мекунанд, ки барои ҷозибаву дурахши зарф ва намудҳои гуногуни маҳсулоти сафолин масраф мегардад. Дар он ягон моддаи кимиёвӣ истифода бурда намешавад, барои ҳамин харидорони он дар тамоми олам рӯ ба афзоиш овардаанд.

– Ман зиёда аз 140 нафар шогирд дорам. Ба фарзандони оилаҳои камтаъмин низ ин касби ниёконро меомӯзам. Дере нагузашта шогирдонам нозукиҳои ин касбро ёд мегиранд ва парронак шуда, мустақилона ба истеҳсоли зарфҳои гуногуни сафолин машғул мешаванд, – мегӯяд яке аз кулолгарони номии Риштон Алишер Назиров.

Ба гуфтаи ӯ санъати кулолгарии Риштон дар тӯли асрҳо ҷузъи ҷудонашавандаи сарвати маънавию фарҳангӣ маҳсуб меёбад. Таърихи ин санъат решаҳои амиқ дошта, расму оинҳои қадимии мардуми бумиро дар худ инъикос мекунад.

Агар ба таърихи он як назар андозем, санъати кулолгарии Риштон дар асрҳои миёна ташаккул ёфта, ҳазор сол боз инкишоф меёбад. Ашёи хоми ин сарзамин — ҳамон «гили сурх»-и ноёбу нотакрор мебошад, ки ба инкишофи санъати кулолгарӣ такони қобили мулоҳиза бахшидааст. Зарфҳои сафолини Риштон асосан бо нақшҳои хоси худ маъруфанд, ки дар истеҳсоли зарфҳои шишагӣ, кӯза, табақ ва маснуоти дигари ҳунарӣ ҷилвагар мегарданд.

Кулоли Риштон натанҳо санъати зебо, балки рамзи маънавиёт ва ҳуввияти миллӣ низ мебошад. Намунаҳо дар маснуоти кулолӣ ҷаҳонбинӣ, эътиқод ва арзишҳои мардумамонро бозтоб медиҳанд. Масалан, «ислимӣ» (яке аз навъҳои нақшу нигор дар кандакории чӯбу гаҷ, ки иборат аз гиреҳ ва печу хамҳои занҷир монанди шабеҳ ба унсурҳои табиат аст) ё «нақшҳои гул» рамзи дарозумрӣ, хушбахтӣ ва шукуфоӣ маҳсуб мешаванд.

Иштироки ҳунармандони риштонӣ дар намоишгоҳҳои байналмилалӣ ва маъруфияти маҳсули онҳо дар миёни сайёҳони хориҷӣ барои рушди ин санъат имкониятҳои нав ба навро фароҳам меорад. Санъати кулолгарии Риштон на танҳо санъати тасвирӣ, балки зуҳуроти дурахшони олами маънавии мардум, мероси ғании фарҳангӣ ва анъанаҳои миллии он низ мебошад. Ҳифзи ин ҳунар ва ба насли наврас расонидани он вазифаи муҳими кулолгарони номии Риштон аст. Дар айни ҳол ин рисолатро Шарофиддин Юсупов, Бахтиёр ва Алишер Назиров, Шокирҷон Аҳмадҷонов ва як идда кулолгарони дигар бо сарбаландӣ анҷом медиҳанд ва барои дарозумрии он саҳми бузург мегузоранд.

**Дилором ДОДОБОЕВА,**
**мудири бахши ноҳиявии Маркази маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ дар Риштон.**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

# ХОНАҲОИ НАВ БА ОИЛАҲОИ КАМБИЗОАТ ТУҲФА ГАРДИД

Табрики солинавии Президентро 30 оилае, ки ба ҳимояи иҷтимоӣ муҳтоҷанду фарзандони ногиро доранд ва дар навоҳии Музработ, Шеробод ва Ангор истиқомат мекунанд, дар хонаҳои наву шинами худ, ки дар маҳаллаи «Боғи обод»-и ноҳияи Шеробод бунёд ёфта ба онҳо туҳфа гардид, шунида, қалбҳояшон аз сурур лабрез гардид.

Дар доираи амалисозии барномае, ки таҳти шиори «Аз камбағалӣ ба сӯйи ҳаёти фаровон» сурат мегирад, бо ҳомигии Саридораи умури дохилии вилоят дар ду сотих замин хонаҳои наву шинам, ки дорои ҳама гуна шароит аст, бунёд ёфта, дар арафаи Соли нав ба соҳибонаш армуғон гардид. Ин хонаҳо бо ҳама ашёи рӯзгор муҷаҳҳаз гардидаанд.

Дар оилаи сокини маҳаллаи «Боғи обод»-и ноҳияи Шеробод чӯпон Холмурод Бойтӯраев ду нафар фарзанд ба камол мерасанд. Ҳамсараш кор намекунад, бо тарбияи фарзандон банд. Бо як музди чӯпонӣ оилаву рӯзгорро таълимин кардан амри муҳол. Ҳангоми омӯзиш маълум гардид, ки ин оила бо ду нафар фарзанди худ, ки яке ногиро аст дар як хонаи вайрона умр ба сар мебаранд. Дар арафаи Соли нав ин хонадон ҳангоми қабул кардани калиди хонаи нав аз хурсандӣ ҷойи нишаст намеёфтанд. Аз чунин ғамхориҳои ҳукумати Ватани ҷоноҷони худ арзи сипос ва шукронагӣ ба ҷо оварданд.

Муҳаббат Шомуродова, ки дар маҳаллаи «Орият»-и ноҳияи Музработ бо ду нафар фарзандаш истиқомат дораду нафаре аз онҳо низ ногиро аст, то кунун дар иҷора зиндагӣ мекард. Саробони оила барои кор ба Русия рафтааст у музди меҳнати дар мусофират меёфтааш барои рӯзгор басанда нест. Модари бепарастормонда бо фарзандонаш бори аввал Соли навро дар хонаи нави худ, ки дорои ҳама гуна шароит аст, истиқбол намуданд, ки аз ин туҳфа хурсандиашон ҳадду канор надошт.



– Президент дар табрики солинавӣ иброз дошт, ки: «Ҳазорҳо нафар ҳамватанони мо Соли навро дар хонаҳои нави худ истиқбол намуданд». Ман ҳам ин суханонро дар хонаи нави худ шунида истода худдорӣ карда натавонистам, дар чашмонам ашки шодӣ ҳалқа зад, – гуфт бо эҳтирос Муҳаббат Шомуродова. – Аз он ифтихор намудам, ки мо аҳли хонадон ҳам аз ҳазорон якеи ҳамин оилаҳои хушбахт ҳастем. Охир зиёда аз 7 сол дар иҷора зиндагӣ кардем. Дар ин муддат 4 маротиба иҷора ба иҷора кӯч бастем. Дар ин миён фарзандонамон ҳам ба воя расиданд. Сарвари хонадонамон барои хона сохтан ва маблағ пайдо намудан ба Русия ба кор рафт. Вале маблағи коркардаи ӯ ҳам барои рӯзгор ва иҷорапулӣ кифоят намекард. Акнун шавҳарам ҳам аз мусофират баргаштанӣ аст. Барои чунин ғамхориҳое, ки нисбати мо барин оилаҳои эҳтиёҷманд мекунад, ба давлатамон ва раҳбари он беҳад сипосгузорем.

Дар гузаре, ки зери ҳомигии муҳофизони халқу Ватани орому осоиштаамон хонаҳои замонавӣ бунёд ёфт, маркази маҳалла, нуқтаҳои савдо ва хидматрасонӣ, дӯкони китоб, маскани тиббиёт, 21 моҳихонаи интенсив, ки дар маҷмӯъ 40 тонна моҳӣ ғунҷоиш дорад ва 3 кӯле, ки 50 тонна об ғунҷоиш дорад, ба баҳрабардорӣ супорида шуд. Акнун оилаҳои мазкур, ки то кунун ночор буданд, дар шароити мусоиди муҳайёгардида кор карда, даромад гирифта, сатҳи зиндагии худро боло мебардоранд. Аз зиндагии камбизоатӣ ба ҳаёти ободу фаровон қадам мениҳанд.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.**

*Ба муносибати 150-солагии Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ*

***Аҳли фарҳанги Самарқандро анъанаест, ки ҳар сол 19-уми январ мавлуди яке аз парчамбардорони ҳаракати маърифатпарварӣ – Маҳмудхоҷа Беҳбудиро ҷашн гиранд ва дар пояи муҷассамааш гулҳои тару тоза гузоранд. Боиси хушнудист, ки дар арафаи Соли нави 2025-ум Қарори Президент «Дар бораи бошукӯҳ ҷашн гирифтани 150-солагии зодрӯзи асосгузори ҳаракати ҷадидия дар Осиёи Марказӣ, нависандаи барҷаста, арбоби ҷамъиятӣ, ношир ва омӯзгор Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ» интишор ёфт. Бар асоси қарори мазкур имсол ва солҳои баъдина мавлуди Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ бошукӯҳ ва васеътар ҷашн гирифта хоҳад шуд. Тавре дар қарори мазкур қайд шудааст, Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ дар аввали асри XX – замони дар таърихи Ватани мо мураккаб ба сифати асосгузори ҳаракати равшанфикрон – ҷадидия шинохта шудааст.***




# ЭҲТИРОМ БА ПЕШВОИ ҲАРАКАТИ ҶАДИДӢ

Мавсуф ҳамчун намояндаи барҷастаи ҳаракати миллию озодихоҳӣ, умри худро ба рушди илм, маорифу тарбия, адабиёту ҳунар, матбуот, эҳёи худшиносӣ ва васеъ кардани ҷаҳонбинии мардум бахшида, барои истиқлолият ва азхуд кардани дастовардҳои маънавии ҷаҳон талош варзидааст.

Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ аз аввалинҳо буд, ки дар минтақа мактабҳои наву замонавӣ таъсис дод ва барои онҳо китобҳои дарсӣ тайёр намуд, нашриёт ва театрҳо кушод. Драмаи «Падаркуш», ки ба қалами ӯ мансуб аст, соли 1914 ба саҳна гузошта шуд.

Ӯ рӯзномаи «Самарқанд» ва маҷаллаи «Оина»-ро ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ таъсис дод ва нашр кард.

Вале афсӯс, ки тобистони 1919, ҳангоми сафар ба Маккаву Мадина дар шаҳри Қаршӣ, вақте 44 сол дошт, ба шаҳодат расид. Мутаассифона, қабри ӯ то ҳол пайдо нашудааст. Аҷиб аст, ки муаллим Шакурӣ дар маҳбаси Тошканд, Ҳоҷа Муин дар бешазори Русия нобуд шудаанд ва қабрҳои онҳоро низ ҳеҷ кас намедонад. Турбати Саидризо Ализодаро набераош Фарҳод Ализода аз маҳбаси Владимир пайдо кард.

Баъди ба истиқлол расидани кишвари азизамон барои амиқ омӯхтани ҳаёт ва фаъолияти ҷадидон, абадӣ кардани хотираи неки онҳо корҳои ибратбахш амалӣ шуданд.

Журналисти шоистаи Ӯзбекистон Нусрат Раҳмат, набераҳои Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ – Шоҳруххон ва Зарруххон бо кумаки ҳайкалтарош Эргашхон Қаҳҳоров муҷассамаи ӯро тайёр намуданд ва он дар ҳавлии Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии муаллимон гузошта шуд.

Аз ин воқеа қариб бист сол сипарӣ гашт.

Соли гузашта бино ва ҳавлии хушсохти Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ, ки баъди «душмани халқ» эълон шуданаш ба тасарруфи идораҳои давлатӣ гузашта буд, бо қарори ҳокимияти вилоят ба Хона-музейи Беҳбудӣ табдил ёфт. Он баъди таъмири хушсифат дари худро боз кард. Ҳоло осорхона аз долону айвон ва ду хонаи васеъ, равшану хушҳаво иборат аст, ки дар яке экспозитсияҳои вобаста ба ҳаёту фаъолияти Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ ва дар дигар осори фаъолони ҳаракати ҷадидӣ гузошта шудаанд. Дар байни онҳо устод Садриддин Айнӣ, Тошхоҷаи Асирӣ, Фитрат, Мунзим, Ҳамза, Аҷзӣ, Хоҷа Муин ва дигарон ҳастанд.

– Мо хеле хушҳолем, ки талошу ҷоннисории бобоямон барои рушди ақидаҳои маорифпарварӣ, бунёди мактабҳои нав, таъсису нашри матбуот барабас нарафтанд, – мегӯяд наберан Беҳбудӣ Шоҳруххон. – Аллакай дар асоси қарори Сарвари давлатамон доир ба васеъ ҷашн гирифтани 150-солагии ӯ дар Самарқанд чорабиниҳои ҷолиби диққат амалӣ мешаванд.

Аз фурсат истифода бурда, шахсан ба Президент миннатдории самимона изҳор мекунем, ки дар Ӯзбекистони Нав таҷлили 150-солагии зодрӯзи бобоямонро дар сатҳи баланд ба роҳ монданд. Хурсандиовар аст, ки асарҳои бобоямон бознашр мешаванд, озмуни иншо таҳти мавзӯи «Сабақҳои Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ», конфронси байналхалқӣ, шаби ёдбуди тантанавӣ ва ба яке аз кӯчаҳои шаҳри Қаршӣ гузоштани ном ва насби лавҳаи ёдгорӣ ба нақша гирифта шудаанд.

Воқеан, соли 2020 романи нависанда Нусрат Раҳмат – «Ҷадид», ки аз зиндагиномаи Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ қисса мекунад, аз чоп баромад.

– Инсонҳои тараққипарвар аз азал ҳамватанони худро ба маърифат даъват карда, «масъалаи ҳаёту мамот ва бидуни илму дониш, ақлу хирад завол дидани одам муқаррар» гӯён бонги изтироб задаанд, – гуфт дар суҳбат устод Нусрат Раҳмат.

**– Устод чӣ сабаб шуд, ки шумо ба навиштани романи «Ҷадид» камар бастед?**

– Қисмати талхи ин марди шариф эътибори бисёр эҷодкоронро ба худ кашидааст, ки банда истисно нестам. Аввал таҳти номи «Ҳикояҳо дар бораи Беҳбудӣ» як силсила очерку лавҳаҳо иншо намудам. Барои пухта ва ҳаматарафа омӯхтани зиндагиномаи ӯ дар асоси хатсайри қаҳрамони асарам ба Туркия, Русия, Қафқоз, мамлакатҳои араб сафар кардам. Албатта, тӯли сад соли гузашта ин кишварҳо куллан тағйир ёфтаанд, аммо ёдгориҳои меъморӣ, иқлим, макон бетағйир аст.

Аслан аз мутолиаи китобҳои доир ба бузургон иншошуда навиштаҳои худи онҳоро хондан афзалтар аст. Ба ин хотир аз мутолиа китоби камина хондани навиштаи устод Беҳбудӣ «Қасди сафар» ва дигар асарҳояшон айни муддаост.

Сониян, Беҳбудӣ шахсияти бузург, ибратомӯз, эҷодкори рангинхаёл, сермаҳсул ва арбоби сиёсӣ буд. Чеҳраи чунин зоти бузургро офаридан кори ниҳоят душвор аст. Ман аз чашмаи хушкнашавандаи устод чанд қатра гирифтаму халос.

Бинобар ҳамин онро «Ҳикояҳо дар бораи Беҳбудӣ» номидам.

Воқеан, дар роман натанҳо дар бораи устод ва ҳаракати ҷадидӣ дар минтақа, инчунин шахсони ҷоннисори фарҳанг, тамаддуни Шарқ, хислатҳои ҳамидаи инсонӣ маводи ҷолиби диққат мавҷуданд.

**– Оё нияти идома додани романро доред?**

– Дар кӯҷое ин шоҳбайтро хонда будам:

*То пир нашуд мард, надонад*
*хатари умр,*
*То монда нашуд мурғ,*
*надонад хатари бол.*

Синнам аз 80 гузашта, ба 90 наздик мешавад. Хотира суст шудааст, саломатӣ беҳбуд мехоҳад.

Ана барои ҳамин ҳам ҳоло бештар бо мутолиа банд ҳастам. Хушҳолам, ки фарзандону наберагон низ ба адабиёт, илму фарҳанг дилбастагӣ доранд. Духтарам Дилафрӯз номзади фанҳои филологӣ шуд. Ӯ низ бо ҳаёт ва фаъолияти Беҳбудӣ машғул аст.

Камина ба мақоли «Пирони куҳан бо таҷриба гӯянд сухан, некӣ бикунанд, таҷриба бо худ набаранд» амал мекунам ва бо тарбияи насли наврас, шогирдони эҷодкор машғулам.

Аз фурсат истифода бурда, тавассути рӯзномаи «Овози тоҷик» ба ҷавонони Ӯзбекистони Нав ҳамчун бобои рӯзгордида маслиҳат медиҳам: Шумо асосгузори эҳёи савум ҳастед. Чун алломаҳо Устод Айнӣ, Беҳбудӣ, Хоҷа Муин, Саидризо Ализода ва дигар маърифатпарварон неруву иқтидори худро ба омӯхтан ва рушди илму дониш, ҳунару забон, садоқат ба халқу Ватан, мустаҳкам намудани истиқлоли кишвари азизу муқаддас сафарбар намоед. Зеро бузургон фармудаанд:

*То ҷавонию тандурустӣ ҳаст,*
*Ояд асбоби ҳар мурод*
*ба даст.*

Суҳбаторо
**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

# ЗИНАҲОИ КАМОЛОТИ МАКТАБ-ИНТЕРНАТИ ҚАРОКӮЛ

(Аввалаш дар саҳ.3).

Бо қарори Девони Вазирон бинои коллеҷи касбу ҳунари саноат ва нақлиёти Қарокӯл ба мактаб-интернати ҳамин ҷо дода шуда он мақоми «Мактаби байналхалқии математики»-ро гирифт. Баъди харҷи зиёда аз 40 миллиард сӯм маблағ ва таҷдидёбии бино ҷамоаи мактаб-интернат ду сол муқаддам ба он ҷо кӯчид ва фаъолияти худро дар шароити имкониятҳои қулай идома медиҳад. Гуфтан ҷоиз аст, ки солҳои охир комёбиҳои ҷамоа боз ҳам афзуд. Фақат соли 2024 шогирди синфи XI Юсуфҷон Ортиқов дар озмуни байналхалқии Туркманистон ба гирифтани медали тиллоӣ ноил шуда бошад, ҳамсинфи вай Фарҳод Очилов дар ҳамин озмун сазовори медали нуқра гардид. Ба шогирди синфи IX Муродҷон Маматов медали нуқра ва ҳамдарси вай Анвар Рустамов медали биринҷӣ насиб кард.

Дар озмуни байналхалқии математикони ҷавон «Ал-Хоразмӣ»-и Тошканд шогирдони синфи VIII Нурбек Умаров ва Муҳаммадалӣ Расулов соҳиби медали нуқра гашта бошад, Муҳаммадалӣ дар озмуни фанни геометрияи Эрон – 100 – 2024 соҳиби медали нуқра, дар озмуни IMAC – 2024 соҳиби медали тиллоӣ гаштааст.

Дар озмуни Лакҳнави Ҳиндустон моҳи июл – InIMC 2024-озмуни байналхалқии математика Бахтиёр Остонов соҳиби медали нуқрагин шуда бошад, ҳамдарсони вай Меҳмонбек Амонов, Аббос Сатторов, Муҳаммадшоҳ Мардонов дар ҳамин озмун соҳиби медалҳои биринҷӣ гаштанд.

***

Дар мактаб-интернат бо 497 нафар талаба 68 нафар омӯзгорони пуриқтидор машғулият мегузаронанд. Аз ҷумла 51 нафари омӯзгорон соҳиби тоифаи олӣ, 6 нафар дорои тоифаи якум буда, 4 нафар бо мукофоти давлатӣ тақдир ёфтаанд.

Соли хониши гузашта мактаб-интернатро 81 нафар хатм карда, 75 нафари онҳо алҳол дар донишгоҳу донишкадаҳои гуногуни низоми таълими олӣ таҳсил мегиранд.

Соли таҳсили ҷорӣ дар мактаб-интернат 64 нафар хатмкунандагон машғули илмомӯзианд. 51 нафари онҳо ба сертификатҳои миллию байналмилалӣ соҳиб шудаанд. Аз ҷумла 22 нафар сертификати CEEFR, 8 нафар LELTS, 3 нафар SAT, 18 нафар сертификатҳои миллиро гирифтаанд.



Таълимгоҳ бобати лоиҳаи «Қадам ба сӯи ихтироъ» низ дар вилоят пешсаф аст.

«Асрор»-и комёбиҳои донишомӯзони таълимгоҳ дар чист?

Ҳар касе, ки аз комёбиҳои шогирдони мактаб-интернат огоҳ аст, беихтиёр дар бораи замина ва омилҳои ин пешравӣ фикр мекунад. Ҳарчанд ки аз «сир»-ри муваффақиятҳои ин ҷамоаи заҳматкаш каму беш хабардор будам, бо вуҷуди ин чи хеле ки «сухан аз даҳони Луқмон хуш аст», хостам дар ин бора ақидаи худи онҳоро шунавам.

Аввалин шахсе, ки аз вай асрори комёбиҳои донишомӯзони мактабҳои ноҳияи Қарокӯлро пурсидам, вай мудири шуъбаи таълими томактабӣ ва мактабии ҳамин ноҳия Умедҷон Саҳатов буд.

– Интизом, сахтгирӣ ва меҳнат, – ҷавоб дод вай.

Дар ин бора хостем ақидаи худи роҳбари мактаб Темир Рӯзиевро шунавем. Вай дастовардҳои ҷамоаи таълимгоҳро чунин маънидод кард:

– Аввало аз сарвари давлат сипосгузорем, ки баҳри болоравии самаранокию сифати таълиму тарбия, обрӯю эътибор ва манфиатдории омӯзгор, ислоҳоти соҳа ғамхориҳо зоҳир мекунад. Аз тарафи дигар бевосита бо ташаббус ва пуштибонии вай мактаб-интернати мо соҳиби бинои ҷавобгӯи замон шуд ва дар он ҳамаи шароит муҳайёст. Ин барои ҷамоаамон ҳамчун пойдевори муваффақиятҳо хидмат мекунад. Баробари ин фидокорӣ, меҳнат, қабули адолатноки шогирдон, раҳнамоии устодон омили комёбиҳои мост.

## Омӯзгори заҳматкаш

Солҳои зиёд аст, ки аз хидматҳои арзандаи омӯзгори пуриқтидори математикаи ин даргоҳ Рӯзимурод Рӯзимуродов ба туфайли шогирдони боистеъдодаш, ки дар озмунҳои ҷумҳуриявию байналхалқӣ борҳо комёб шудаанд, огоҳ ҳастам. Омӯзгори камсухани хоксор ҳанӯз ҷавон бошад ҳам (ӯ 36-сола) комёбиҳои меҳнаташ ибратбахшанд. Ӯ ифтихор дорад, ки шогирди собиқи вай – Аббос Сайлиев соли 2015 дар озмуни байналхалқии Чин аз фанни математика соҳиби медали нуқра гардида буд. Ин дар навбати худ аввалин комёбии мактаб-интернат дар миқёси байналхалқӣ маҳсуб меёфт. Шогирди дигари Р. Рӯзимуродов Анварбек Раҳматов аст, ки дар бисёр озмунҳои ҷумҳуриявию байналхалқӣ комёб шудааст. Аз ҷумла вай, чи хеле дар боло гуфтем, дар озмуни байналхалқӣ ғолиб гардида буд.

Р. Рӯзимуродов соли 2021 соҳиби нишони сарисинагии «Аълочии таълими халқи Ӯзбекистон» гардид. Соли 2023 бошад, барои фаъолияти самаранокаш бо медали «Шуҳрат» сарфароз гашт.

12 декабри соли 2024 – зодрӯзи омӯзгори заҳматкаш бахосият омад. Ду шогирдаш: хонандагони синфи 6-уми мактаб-интернат Мироншоҳ Нуруллоев ва Абдулазиз Нарзуллоев (писари худи Р. Рӯзимуродов) дар озмуни марҳилаи ҷумҳуриявии ASMO соҳиби медалҳои тиллоӣ шуда, ба марҳилаи хотимавии озмун роҳхат гирифтанд.

Мо омӯзгорро бо ин комёбии навбатӣ муборакбод намуда, ба шогирдонаш дар озмуни бонуфузи пешистода омад хостем.

– «Сир»-и комёбиҳои мо натиҷаи меҳнат, сабру тоқат, ҷустуҷӯ ва мувофиқии муҳит аст. Агар муҳит мӯътадил набошад, заҳмату фидокориҳо самараи дилхоҳ намедиҳад, Барои он ки ранҷ ганҷ орад, бояд омилҳои таъкидёфта сӯи мақсади ягона муштаракона равон гарданд. Маълум аст, ки ҳар як шахс иқтидору имкониятҳои фардӣ дорад. Чи хеле ки дар як дарахт ҳатто ду барги яххела нест, хоҳишу талаби бачагон низ аз якдигар фарқ мекунад, – мегӯяд ӯ.

Мардум мегӯянд: «Бо моҳ шинӣ, моҳ шавӣ – бо дег шинӣ сиёҳ шавӣ». Барои он, ки бача илмдору соҳибфазилат, меҳнатдӯсту комил ба воя расад, волидон бояд донанд, ки фарзандашон бо кӣ шину хез дорад. Хушбахтона, бачагони ҳудудамон, ки аксарият деҳотианд, аз хурдсолӣ ба ташвишу рӯзгори падару модар кумак расонда, ба меҳнат ва сахтиҳои зиндагӣ тобовар шудаанд, бо андешаи ояндаи худ дар таълимгоҳ табъи дил мехонанд... Ислоҳоти васеъмиқёси таълиму тарбия, таъмини адолати иҷтимоӣ, шаффофона гузаштани озмунҳо низ имконият медиҳад, ки шогирдони пуриқтидор ва соҳибистеъдод рӯи об бароянд.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

***Ба шарафи 33-юмин солгарди созмон ёфтани Неруҳои Мусаллаҳ дар шаҳри Косони вилояти Қашқадарё чорабинии идонаи мутантан баргузор гардид.***

# НАМОИШИ ҚУДРАТИ АРТИШИ ВАТАН ДАР КОСОН

Он бо ташаббуси ҳокимияти вилоят, Агентии кор бо ҷавонон ва соири идораҳои қудратии вилоят рӯйи кор омад. Дар он теъдоди зиёди техникаи ҳарбӣ, аз ҷумла мошинҳои зиреҳпӯши ҷангӣ, сӯхторнишон ва дигар техникае, ки қудрати артиши Ӯзбекистони Навро намоиш медиҳанд, ҳамчунин анвои мухталифи абзори ҳарб, силоҳҳои оташфишон дар маърази тамошо гузошта шуданд. Аз кӯчаҳои шаҳр гузаштани ин техника ва қатори аскарони мусаллаҳ ба аҳолии қаламрав, хоса насли навраси ҷомеа ҳисси ифтихор ангехта, итминони онҳоро ба тавоноии ҳарбии Ватан ва фардои дурахшони он қавитар сохт. Як бахши ин чорабиниро баромади санъаткорону ҳофизон низ ташкил дод, ки хурсандии ҷамъомадагонро дучанд кард.

Дар чорабинӣ тамоми секторҳои ҳокимияти вилоят, намояндагони як идда корхонаву ташкилот, ҷавонони лаёқатманд ва ходимони ВАО ширкат доштанд. Аз ҷониби ҳимоятгарони Ватани соҳибистиқлоли мо намудҳои гуногуни машқҳои ҳарбӣ, аз ҷумла мағлуб сохтани рақиб дар ҷанги танбатан ва усулҳои машҳур ва маъмули ҷанги дастӣ низ намоиш дода шуд, ки гирдиҳамомадагон бо шавқи беандоза тамошо карданд.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Қашқадарё.**

*Сохтмони бинои нав барои мактаби рақами 95-уми ноҳияи Давлатободи вилояти Наманган ба анҷом расид. Бинои дар доираи инвеститсия бунёдгардида дорои 660 ҷой, толори варзишии пӯшида (андозааш 12х24 метр) ва толори маҷлисҳо мебошад, ки ба 250 ҷой пешбинӣ шудааст.*

*Ба бунёди мактаби замонавӣ 10 миллиарду 691 млн. сӯм масраф гардид. Дар бинои нав барои хонандагону омӯзгорон шароити мусоиди таҳсил фароҳам оварда шудааст.*



***Дар акс:** дар мактаби рақами 95-уми ноҳияи Давлатободи вилояти Наманган.*

***Аксбардор: Ҳ. МАМАДАЛИЕВ (ЎзА).***

# МУЖДА АЗ «ШАКАРДАРА»

(Аввалаш дар саҳ.3).

Фарҳод Исомиддинов китоби «Бонуи бобо»-ро бо шавқ варақ зада, аз баромадам шод гардида, баъди вохӯрӣ ба ман гуфтанд:

– Хоҳарҷон, аҷаб кори нек шудааст, ки барои бачаҳо китоб чоп кардед. Акнун бояд боз як кори савоб намоед. Ба мактаби деҳаҳои тоҷикнишини вилоятҳои Тошканд, Сирдарё, Ҷиззах, Навоӣ ва вилояти Чимкенти Қазоқистон рафта, китобатонро дастраси бачаҳо бинмоед. Шумо медонед, ки бачаҳои синфҳои ибтидоӣ зори китоби бадеӣ ҳастанд. Он кас рӯйхати мактабҳои тоҷикӣ ва дар кадом ноҳияву вилоят ҷойгир шудани онҳоро дар варақе навишта, ба ман доданд.

Ба шарофати устод Исомиддинов ва китобҳоям деҳаҳои хушманзари Порашт, Ӯхм, Моҷарми ноҳияи Фориш, деҳаҳои Синтоб, Эҷ ва Сойи хурди ноҳияи Нурато, деҳаҳои кӯҳии Заркат, Навдак, Невичи ноҳияи Паркент, деҳаҳои Бурҷимулло, Боғистон, Нанай, Полвонаки ноҳияи Бӯстонликро дидам. Ба шаҳрҳои хушҳавои Ангрен, Чирчиқ ва деҳаи Навободи Бука, ба чандин деҳаҳои вилоятҳои Сирдарё ва Чимкент сафарҳои хотирмон доштам. Ман аз дидани хонандагон, бачаҳо аз дидани китоби бадеии тоҷикӣ он қадар шод буданд, ки он лаҳзаҳои нотакрорро бо қалам тасвир кардан мушкил аст.

**– Зану шавҳар табъи хуби шоирӣ доред. Оё ба якдигар шеър навиштаед?**

– Солҳои 1983-1987 устод дар Кобул машғули тарҷумонӣ буданду ман ва писари хурдиам Исфандиёр он касро ҳамроҳӣ мекардем. Тобистони соли 1984 ҳамроҳи писарам, ба баҳонаи тӯй, ба Душанбе рафтаму чор моҳ дар он ҷо мондам. Аз он кас рӯзе номаи ғафсакаке омад. Лифофаро кушода аввал дар коғазе расми устодро дидам. Эшон, ки дар расмкашӣ маҳорат доштанд, паси панҷараи пешайвони хона акси худашонро лоғару танҳову ғамгин тасвир карда буданд. Дар варақи дигар нома ва ин шеъри барои ман эҷодкардаи устод буд. Сад афсӯс, ки нисфи шеър аз ёдам рафтааст:

*Шаддаҳои ашки ман*
*бошад нисори*
*поятон,*
*Гавҳари чашмони*
*ман бошад ҳамеша*
*ҷоятон.*
*Аз сари лутфе назар*
*бар ҳоли мискинам*
*кунед,*
*Хона ҳолӣ, бистари*
*ҳолӣ мани танҳоятон.*
*Кай шавад рӯзе, ки*
*гирад нур аз рӯйи*
*шумо*
*Чашмҳои интизори*
*кобулӣ оқоятон.*

Шеър чунон таъсир бахшид, ки ҳафтаи дигар парида ба Кобул рафтам.

Солҳои 2000-2010 устод корманди радиои «Садои Хуросон» буданду дар шаҳри Машҳади Эрон зиндагӣ мекардем.

Рӯзе дар ошхона машғули шӯрбопазӣ будам, ки хонуме занг зада, пешинӣ маро ба меҳмонӣ даъват кард. Барои дастовез зуд як зувола гирифта, санбӯса пухтам ва ҳаққи устодро, то сард нашавад, дар тафдон гузоштам.

Вақти рафтан саросемавор ба устод чунин нома навиштам:

*Оғоҷони ҷонона*
*Шӯрбо дар*
*ошпазхона.*
*Дар тафдон чор*
*санбӯса*
*Рӯи токча ду бӯса.*
*Ду бӯсаи ҳавоӣ*
*Ба оқои Сабоҳӣ.*

**– Чӣ орзуҳо доред?**

– Дар асnoи сафарҳои бисёр ва зиндагӣ дар Самарқанд шоҳиди воқеаву ҳодисаҳои аҷибе шуда, маҷбур гаштам, ки аз ҳаёти калонсолон ҳам ҳикояҳои воқеӣ нависам.

Ҳикояҳои «Дилбар», «Сарнавишт», «Духтари ноздона», «Домоди амрикоӣ», «Арӯси истанбулӣ», «Ситрамон-хола», «Қиссаи ном» ва ғайраҳо ҳама ҷанбаи воқеӣ дошта, дар рӯзномаҳои «Овози тоҷик», «Адабиёт ва санъат», «Овози Самарқанд» чоп шудаанд.

Орзу дорам, ки дар соли 2025 барои калонсолон китоби «Дуроҳаи ҳаёт» ва барои бачаҳо маҷмӯаи «Чил чистон»-ро ба дасти чоп супорам.

Ҳамчунин бисёр мехоҳам, ки болои сарам ҳамеша шавҳари ман, гавҳари ман Ҳазрат Сабоҳӣ зиндаву саломат бошанд.

**– Парвози баланди эҷодӣ таманно дорем.**

– Ташаккур.

Мусоҳиб
**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-128.
Адади нашр 3680. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор:
А. Субҳонов.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 21.00

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.